НАШРИЁТИ «АДИБ»



**САЙИДАЛӢ МАЪМУР**



# ПОЙИЗИ САБЗ



Душанбе
«Адиб»
2011

ББК Тоҷик 7-5
М-41

Муҳаррир *Гулназар*

М-41 **Сайидалӣ Маъмур. Пойизи сабз.** *(Маҷмӯаи ашъор).* – Душанбе, «Адиб», 2011, 160 саҳ.

«Пойизи сабз» маҷмӯаи нави Шоири халқии Тоҷикистон Сайидалӣ Маъмур буда, асосан шеър, ғазал ва рубоиҳои дар зарфи чаҳор соли охир навиштаи муаллифро фарогир аст.

Умедворем, аз меваҳои пойизии боғи шоир, ки шеърҳои ӯянду бо гармии офтоби дилаш пухта ва тамъу лаззати хосе доранд, баҳравар мегардед.

ISBN 978-99947-2-094-1

© Сайидалӣ Маъмур, 2011

## ШОИРИ ПЕШРАВУ ПУРКОР

Сайидалӣ Маъмур яке аз шуарои пешраву пуркори Тоҷикистон аст, ки ановини «Шоири халқии Тоҷикистон» ва «Корманди шоистаи Тоҷикистон» - ро эҳроз намуда ва то кунун ҳудуди 20 маҷмӯа аз ашъораш мунташир гардидаву теъдоде аз онҳо ба забонҳои мухталиф баргардонида шудааст.

Маъмур усулан шоири воқеъгарост ва ҳамвора аз воқеъияти зиндагӣ ва фарозу нишеб ва неку бади рӯзгор ва зиндагии мардуме, ки ӯ дар миёни онҳо бузург шудаасту бо онҳо зиндагӣ мекунад, сухан мегӯяд ва аз ин рӯ суханаш равшан, мардумӣ ва муассир аст.

Мавзӯот ва мазомини миллат, ватанпарастӣ, зодгоҳ ва зоду бум, арзиш ва мақоми дӯстдории волидайн ва умуман насли башар дар ашъори ин сароянда ҷойгоҳе вижа дорад. Ашъори «Миллати назаркарда» ва «Дар ҷавоби кӯтаҳназарон» аз ҷумлаи шеърҳои ватандӯстонаву миллатпарастонаи ӯст, ки бо шӯру эҳсоси фаровон суруда шудааст:

*Агарчи Тоҷикистонам диёри кӯҳсорон аст,*
*Ҳама ҷонсахтии тоҷик алорагми гаронҷон аст.*
*Саре аз санг агар дорад, надорад ӯ дили сангин,*
*Хушо, тоҷики ман дилнарму болутфу баэҳсон аст.*

Сайидалӣ Маъмур ашъоре дар бораи инсондӯстӣ ва ҳамгироии ақвому миллатҳои гуногун дорад. Шеъре бо унвони «Ироқ» нишонгари ҳамдардии шоир бо мардуми ин кишвар аст:

*Ҳар тир, ки бар қисмати ту меборад,*
*Пайваста маро асири ғам медорад.*

*Обе, ки зи Даҷлаву Фуротат хӯрдам,*
*Аз чашми сару чашми дилам мешорад.*

Вай ба муносибати ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон шеъри бисёр самимӣ дорад ва дар он меҳру муҳаббату эҳтироми худ ва халқашро нисбат ба мардуми ҳамзабону ҳамфарҳанги Эрон, ки солҳои зиёде аз ҳам ҷудо буданд, бо эҳсоси зиёд баён намуда:

*Ҳафтод сол моро аз ҳам ҷудо намуданд,*
*Ёрони ошноро то ошно намуданд…*
*Мо ёфтем охир аз банди ғам раҳоӣ,*
*Нагсаста бод умре пайванди ошноӣ.*

Дар шеъри дигаре вобаста ба ҳамин мавзӯъ мегӯяд:

*Мо дӯстони ҳамдил якҷону якзабонем,*
*Аз мулки нуру эҳсон равшандили замонем.*
*Ҳаргиз ҷудо нагардем аз ҳам ба ҳар ду олам,*
*Чун панҷаҳои як даст пайванду пуртавонем.*

Сайидалӣ Маъмур дар такрим ва қадру манзалати мероси фарҳангӣ ва забону миллат ва бузургони он ашъори зебое суруда, ашъоре дар ситоиши Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Адиб Собир Тирмизӣ ва …

Силсилаи шеърҳои ин шоир ба ёд ва дар васфи модараш, ки зуд ӯро аз даст додааст, огандаи дарду ҳасрат аст. Ӯ дар шеъре бо унвони «Ёди модар» кафанпӯш шудани модарашро ба дарахти решаканшудае, ки рӯи он барф борида, ташбеҳ кардааст:

*Шамол омад, дарахте решакан шуд,*
*Ба рӯяш барфи нав бориду борид.*

*Дарахти барфпӯшеро чу дидам,*
*Сиришк аз дидаам шориду шорид.*
*Насозам модарамро ман фаромӯш.*
*Ки дида будамаш рӯзе кафанпӯш.*

Ин гуна тасвиру эҳсосот дар ҳамаи ашъори шоир, ки ба мавзӯи модар иртибот доранд, ба назар мерасад:

*Ман зи нӯги сӯзанат нон хӯрда будам, модарам.*
*Ман зи таъми он ҳаловат бурда будам, модарам.*
*Дода буд нони ҳалоли ту ба ман зӯру тавон,*
*Варна бе нони ту кайҳо мурда будам, модарам…*

*Нон биёбам ман кунун, аммо намеёбам туро,*
*Сӯзане гар гум кунам, бар ҷои он кобам туро,*
*Сӯзани гумкардаамро боз пайдо мекунам,*
*Модари гумкардаам, ёбам шаби хобам туро?*

Дар пораҳое аз ашъори шоир бо навъе аз тадоъиҳову тақобулҳои шоирона ва шояд ҳусни таълилгунаҳое мувоҷеҳ мешавем, ки дарвоқеъ тасвирҳое ҳастанд гирову тафаккурбарангез. Аз ҷумла «Моҳигири пир», «Осиёбон», «Ойина», «Пирмард», «Дастасоз» ва …

Дар шеъри «Моҳигири пир» шоир бо шахсиятбахшӣ ба ҳолати «пире» марди пиреро тасвир мекунад, ки ба ҷои он, ки моҳӣ ба қуллоби ӯ афтад, ин «пире» аст, ки ӯро ба қуллоби худ меандозад:

*Мӯсафеде дар лаби баҳр*
*Дошта чангак дар ангуштони чангак*
*Сайди моҳӣ мекунад…*
*Гарчи ӯ биншаст соатҳо хомӯш,*
*Лек андар чангакаш моҳӣ надид,*
*Пирро пирӣ ба шасташ мекашид.*

Шоир дар шеъри «Дастасоз» (касе ки барои теша ва табар ва … даста месозад) бо ташхиси дарахт ба унвони як инсон шохаи дарахтро ҳамчун дасти инсон мебинад, ки дастасоз бо табар онро қатъ мекунад ва гӯӣ зарбаи табар на бар табар, балки бар устухони шоир фурӯ меояд:

*Дастасозе табар бизад бар шох,*
*Дами он зад ба устухони ман.*
*Шоха чун аз тани дарахт афтод,*
*Даст гӯӣ ҷудо бишуд аз тан…*
*Дар нигоҳам дарахти якшоха*
*Менамояд чу марди якдаста.*
*Эй мабодо, ки бар дигар табаре*
*Бишавад шохаи дигар даста.*

Дар шеъри «Се чарх» низ мазмуну тасовир ва бардошти шоир бар мабнои тадоъӣ ва муқоисаи ду амр бо якдигар сурат пазируфтааст:

*Модарам бо чархи чӯбӣ*
*Калоба мересид…*
*Модарам калобареси моҳир буд*
*Бо чархи чӯбӣ*
*Чархи зиндагии хонадонро мегардонд.*
*Имрӯз ман –*
*Бо чархи шоирии худ*
*Калобаи сухан мересам.*
*Аммо бо чархи худ*
*Чархи зиндагиамро наметавонам гардонд.*

*Модарам шоиртар буд.*

Шеъру сухан барои ин шоир чизе аст, ки муқаддасу арзишманд ва ба ҳамин иллат ӯ бо ҳар гуна суханбозӣ ва такаллуфе мухолиф аст:

*Суханбозон,*
*Суханро пок бигзоред.*
*Варо олуда манмоед бо ҳарфу ҳиҷои худ.*
*Сухан чун ханҷари тез аст.*
*Суханро гар шумо олуда бинмоед*
*Рӯзе мешавед аз теғи он нобуд.*
*Суханбозон,*
*Суханро бар суханварҳо гузоред*
*Сухан гуфтан,*
*Гуҳар суфтан*
*Чӣ душвор аст…*

Шоир дар рубоии зайл шеъри худро шеъри зиндагӣ мехонад ва мазомини мухталиф дар шеърашро аз фарозу нишебҳое дар зиндагӣ медонад:

*Чандон, ки ба уммед қалам меронам,*
*Худ шоири шеъри зиндагӣ медонам.*
*Ҳар пасту баланде, ки бувад дар шеърам,*
*Аз пасту баланди зиндагӣ медонам.*

Вай хоҳони ҳарфу сухани наву роҳу равишҳои ҷадид аст ва аз такрору кӯҳнагӣ парҳез дорад:

*Ҳарфҳои нагуфта бисёр аст,*
*Роҳҳои нарафта бисёр аст.*
*Пас чаро ҳарфи кӯҳна мегӯӣ,*
*То ба кай роҳи кӯҳна мепӯӣ?*

Орояҳои адабӣ дар шеъри ин шоир камобеш ба кор бурда шудааст, аз ҷумла ташхис. Дар тасвири зебову бадеъи зер на танҳо осмон ҷондори пиндорӣ ва ба шахсе, ки орд мебезад, монанд карда шуда, балки осмон абре дар қолаби истиорӣ ба элаки симину боридани барф ба орд дар ҳоли бехтан ташбеҳ шудааст:

*Осмон он субҳ*
*Субҳи нахустини дай*
*Бо элаки симини худ*
*Орд мебехт.*

Сайидалӣ Маъмур усулан шоире суннатгарост ва дар қолабҳои роиҷ монанди ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва… шеър мегӯяд, аммо дар миёни офаридаҳои ӯ намунаҳое аз шеъри сапед ва чаҳорпора низ мушоҳида мешавад, ки аксар ҳунармандона суруда шудаанд.

Маъмур дар сурудани ғазал низ дасте дорад. Бахши муҳимме аз ашъори ӯро ғазал ташкил медиҳад. Мазомину мӯҳтавои ғазалиёти вай ҳамонанди чаҳорпораҳо ва ашъори сапедаш аст ба иловаи мазомини ишқӣ, ки хоси ғазал аст.

Ӯ аз ҷумлаи шоиронест, ки бо авзони шеърӣ ошност ва ҳамин ошноӣ ба ӯ имкон медиҳад то дар авзони дилхоҳ фикру эҳсоси худро баён намояд. Барои теъдоде аз ғазалҳои Сайидалӣ Маъмур оҳанг низ сохта шудааст.

Инҷониб бо тақдими «Гулчини ашъор» - и Сайидалӣ Маъмур ба ҷомеаи фарҳангии форсизабонон, бавижа аҳли адаби Тоҷикистон умедворам рӯз ба рӯз иртиботи фарҳангии кишварҳои форсизабон густариш ва наздикии ҳарчи бештаре биёбад.

***Алиасғари ШЕЪРДӮСТ, 2009***

# АШЪОРИ НАВИН

## ДИЛПАЙВАНД

Эй шеър, ҷо гирифтаӣ андар вуҷуди ман,
Пайванди тору пуди ту ҳар тору пуди ман.

Ҳар ҷой дӯсте ба худ аз даҳр кофтам,
Аммо ба ҷуз ту дӯсти ҷонӣ наёфтам.

Дар рӯзи шодию ғами ман меҳрубон шудӣ,
Ҳамсоя рафт аз бару ту соябон шудӣ.

Дар қолаби ту ҷой намуда ҳиҷои худ,
Худ қолабӣ нагаштаму рафтам ба пои худ.

Дафтар сиёҳ кардаму мӯи сафед монд,
Дастат раҳо накардаму рӯи сафед монд.

Эй шеър, сарнавишти ману ҳасту буди ман,
Чун дил ту ҷо гирифтаӣ андар вуҷуди ман.

Бе ту нафас кашидани ман сахт мушкил аст
Аз ту ҷудо шудан хабар аз марги оҷил аст.

## ҶАҲОНЕ ДАР ҶАҲОН

Агарчи Тоҷикистонам калон нест,
Ҷаҳон дар чашми ман бе он аён нест.

Ба укёнусу баҳру наҳрҳояш
Маро беҳтар зи Вахшу Зарфишон нест.

Агар бошад фузун кӯҳи баландаш,
Вале ҷои дигар Боми Ҷаҳон нест.

Агарчи мардумони беш дорад,
Шумораш бештар бе тоҷикон нест.

Ҷаҳон дорад агар қавми қадимӣ,
Зи суғди бостон бе он нишон нест.

Суханвар дар ҷаҳон гарчи зиёд аст,
Ба сони Рӯдакӣ соҳибқирон нест.

Чӣ ҷӯям ҷаннати рӯи заминро,
Диёрам бе гулистон, бӯстон нест.

Агарчи дар масоҳат танг тобад,
Чу тоҷик дилкушоде дар замон нест.

Ҷаҳоне дар ҷаҳон бошад бароям,
Ҷаҳон бе Тоҷикистонам ҷаҳон нест.

## ХОКИ ВАТАН

Чун тифли навзод омадам
Бар рӯи дунёи куҳан,
Бар ҷои хока доям
Хоки Ватан зад дар бадан.

Хоки Ватан дод обу нон,
Ман ёфтам зӯру тавон.
Бар қадри ин лутфу карам
Ман мерасам то ҷовидон.

Хоки Ватан маъво бишуд
Дар гарму сарди рӯзгор.
Хоки Ватан дармон бишуд
Бар ранҷу дарди рӯзгор.

Чун дур рафтам аз бараш
Хоки Ватан овард боз.
Чун бар канораш омадам,
Бикшод боз оғӯши ноз.

Бо меҳру ихлос омадам
Чун бар дари хоки Ватан,
Ҳаргиз нахоҳам по ниҳод
Ноҷо сари хоки Ватан.

Ман бар дари хоки Ватан
Монам қадам фарзандвор.
Ман аз сари хоки Ватан
Бӯсе занам дилбандвор.

Ҳар гарди хокаш дар сафар
Болои мижгон кардаам.
Бо мушти хоки поки он
Кам дарди ҳиҷрон кардаам.

Бар қимати хоки Ватан
Ман беш аз худ мерасам.
Монам барои ворисон
Як гарди он нокарда кам.

Ман омадам бар ин ҷаҳон
Хоки Ватан андар бадан,
Худ хок гардам дар бадал,
Фардо бо домони Ватан!

## АХТАРИ МАН

Аз миёни ситораҳои зиёд
Ахтари дури ман намоён аст.
Он на дар осмони мулки дигар,
Бал ба гардуни Тоҷикистон аст.

Ҳар куҷое, ки роҳ бигрифтам,
Буд он ҷой ахтарам бо ман.
Аз сафарҳои дур баргаштам,
Тори сар буд ахтарам равшан.

Гум нашуд бо ҳидояташ роҳам,
Омадам боз бар канори Ватан.
Ман намондам ба хоки бегона
Нашудам зори обу хори Ватан.

Худ, ки дилро накандаам аз ту,
Тоҷикистон, манам аз он зинда.
То ту ҳастию осмонат ҳаст,
Ахтари ман намешавад канда.

## МЕРОСБОН

Беҳтарин ганҷи равонам, эй забони модарӣ,
Ман туро пайдо намудам аз ҷаҳони модарӣ.

Ҳар куҷо тоҷикро гар бехато бишнохтам,
Шуд шиносономае моро баёни модарӣ.

Ком ширин мешавад аз ҳар каломи ширадор,
Қадри он боло гузорам ҳамчу нони модарӣ.

Мисли гул зебову рангоранг бошад шевааш,
Оварад пеши назар дасторхони модарӣ.

Чун забони ман забони шеъри оламгир буд,
Мекунам ифшо ба он ҳар ормони модарӣ.

Модарам рафту забонаш монд мероси гарон,
Мондаам имрӯз чун меросбони модарӣ.

Ман забони ноб аз дуздон ҳимоят мекунам,
Нашнавам то ки дигар оҳу фиғони модарӣ.

Дигаре гар ганҷу кохе баъди худ монад нишон,
Ман забонам мегузорам чун нишони модарӣ.

Ҳам намемонам забони ман шавад хору залил,
Чунки бар ҷонам даромад он ба ҷони модарӣ.

## РОҒУН

Дар қатори деҳаҳои дигаре,
Дар миёни кӯҳсорони баланд,
Карда боғу роғ халқи хушдилат,
Номи Роғунро ба ту бигзоштанд.

Кӯҳи ту гарчи Уқобон ном дошт,
Аз уқобонаш намебинам нишон.
Монда номи кӯҳро Кӯҳи уқоб,
Гӯиё мардум шикастанд ормон.

Ҳар касеро орзӯе буд, буд,
Орзӯи болу парвози баланд.
Лек ҷуз акси садо аз кӯҳсор
Нашнавидӣ акси овози баланд.

Дар миёни кӯҳсори сарсафед,
Буд насиби одамон бахти сиёҳ.
Чун набудӣ ҳолҷӯю ҳолдон,
Зиндагӣ карданд бо ҳоли табоҳ.

Вахши саркаш аз канорат мегузашт,
Пиру барно буд аммо ташнадил.
Ташнаи озодиат буд мардумат,
Ташнаи ободиат ҳар хоку гил.

Дар бари ту буд деҳи Сичароғ,
Бечароғӣ лек мекардӣ асар.
То ки мардум аз Сарипул бигзаранд,
Мегузаштанд аз сари худ бештар.

Деҳи Роғун, гарчи Майдон доштӣ,
Бар далерон лек майдон танг буд.
Баски дар майдон далерӣ буд гуноҳ,
Дӯш подоши далерон санг буд.

Теғи Саркаш қиссаҳо дорад басе,
Қиссаҳо аз саркашии одамон.
Ҳар замон бар варта мепартофданд
Саркашонро сарнишинони замон.

Қиссаи Равшанбият ояд ба ёд,
Равшаноии шаби зулмот буд.
Машъали озодиаш афрӯхта,
Баҳри ободӣ ҷадалҳо менамуд.

Узви колхози нахустин буд ӯ,
Лек шуд курбони роҳи Инқилоб.
Теғи Саркаш то кунун ёд оварад,
Аз шуҷоатҳои духти беҳиҷоб.

Деҳи Роғун, доштӣ пайроҳае,
Пайраҳи ту аз кӯҳистон мегузашт.
Гар ҷигарбанди ту ояд сӯи ту,
Аз Пули ларзон ҳаросон мегузашт.

Аз канори теғи Саркаш ҳолиё,
Деҳи Роғун, роҳи ту сар мешавад.
Буд Равшанбӣ нахустин раҳкушо,
Машъалаш аз нав мунаввар мешавад.

Зодаи Норак Камоли Ҳамсарӣ,
Сохт роҳе дар миёни кӯҳсор.
Роҳи ӯ акнун ба Майдон мебарад,
Гашта Майдон ҳамчу саҳни корзор.

Раҳ гирифта ҷониби Кӯҳи уқоб,
Коргарҳо чун уқоби сарбаланд,
Дар сари қулла ба уммеди зиёд
Парчами Меҳан баланд афрохтанд.

Умрҳо гарчи ба номи Сичароғ,
Шомҳои тираат равшан набуд,
Оби Вахшу тоби дасти коргар
Нурафшон кишварам хоҳад намуд.

## ЭЙ ДӮСТ, БИЁ!

Ҳар ҷо, ки ҷавону пир Роғун гӯяд,
Бо азми нав аз замир Роғун гӯяд.
Тоҷик, ки Сангтӯда нуристон кард,
Ин бор шуда далер: «Роғун!» гӯяд.

Эй Вахш, ки саргаҳи ту пуртилло шуд,
З-ин рӯ ба забон номи ту зарбахшо шуд.
Имрӯз, ки даргаҳат бишуд нурафзо,
Ҳам шӯҳрати ту чу меҳру маҳ боло шуд.

Эй дӯст, ба Роғун ту биё, ҳамсаф шав,
Ҳамдаст ба аҳли кору дил дар каф шав.
Исроф макун умри равонат ба зарар,
Мананди фурӯзонаки каммасраф шав.

Бин, тоҷики сарзинда чи сарболо шуд,
Машҳур чу созанда ба ҳар ақсо шуд.
Аз тӯдаи санг хирмани нур гирифт,
Ду дидаи кӯри бадгумон бино шуд.

Эй дӯст, бидон қадру баҳои Роғун,
Саҳме бигузор дар бинои Роғун.
Фардо бишавад чу чархҳояш гардон,
Бо шукр кунӣ саҷда ба пои Роғун.

## ДИЛБАСТА

Чашм бикшодам чу бар рӯи ҷаҳон,
Бо дуоят, эй Ватан, мондам амон.
Дил бубастам ман ба обу хоки ту,
То шудам бо обу хокат сабзҷон.

Рӯзам аз меғи ятимӣ тор буд,
Осмонат софу ахтарбор буд,
Аз самоят ахтарамро ёфтам,
Бахт хобу ахтарам бедор буд.

Пайраҳам аз домани кӯҳсор буд,
Роҳҳоят тангу ноҳамвор буд.
Аз раҳат роҳи ҳаётам мегузашт,
Ҳар қадам сангин буду душвор буд.

Дур аз ту рӯи чашмам буд хас,
Аз ҳавои ёд бигрифтам нафас.
Ҳар куҷо будам, набуд оромие,
Меҳри ту раҳтӯша буд то бозпас.

Бо дуоят зинда будам дар замон,
Бо хаёлат меравам аз ин ҷаҳон.
Баста будам дил ба обу хоки ту,
Мегузорам дил ба хокат ҷовидон.

## ШАҲЧАНОР

Номаш ба забон монда устод Раҳимзода,
Дар ёди замон монда устод Раҳимзода.

Дар боғи сухан сабзу пуршоха чаноре шуд,
Эмин зи хазон монда устод Раҳимзода.

Чун қуллаи кӯҳсорон, к-аз дур намоён аст,
Бар дида аён монда устод Раҳимзода.

Дар ойинаи дилҳо, чун ойинаи дарё
Акси ҳамадон монда устод Раҳимзода.

Садсола шудаст, аммо бо зиндадилии худ,
Дар ёд ҷавон монда устод Раҳимзода.

Ҳар ҷой, ки Боқӣ буд, соғар буду мино буд,
Аз базм нишон монда устод Раҳимзода.

Бар халқ суҷуд овард, ҳам шеъру суруд овард,
Маҳбуб аз он монда устод Раҳимзода.

Фарзонаи даврон буд, устоди ҷавонон буд,
Устод ҳамон монда устод Раҳимзода.

Чун банди аҷал накшуд Синои ҳакими давр,
Сино[1] ба замон монда устод Раҳимзода.

Подор бувад умре ин шоҳчанори сабз,
То реша ба ҷон монда устод Раҳимзода.

---

[1] Номи писари устод

## ДУ БОЗОР

Меравам ҳар гаҳе ки бар бозор,
Мекунам ёди Дӯст Абдулло.
Ҷӯям аз роҳу пайраҳаш нақше
Аз қадамҳои мондааш ҳар ҷо.

Ҳар чӣ ҷӯё шавам ман аз бозор,
Аз рафи раста зуд меёбам.
Лек он шеъргӯи шайдоро
Ман надида дубора мекобам.

Нархи бозор ҳеҷ яксон нест,
Гоҳ арзон бувад, гаҳе қимат.
Нест деҳқон зибаски дар бозор,
Баракат кам шудасту ҳам ҳиммат.

Шеърҳояш ба раҳгузар мехонд,
Шеъри ӯ буд шеъри деҳқонӣ.
Нархи бозор то фарояд паст,
Дошт бозори шеъраш арзонӣ.

## ДАР МАЗОРИ ФАРЗАНДОН

Боз омадам ба кӯи шумо, навхатони ман,
Ду додаре ки ҳар ду пайиҳам бирафтаед.
Ё ҷо набуд дар дили ман аз бароятон
К-имрӯз ҳар ду дар дили ин хок хуфтаед?

Бо рафтани шумо дили ман ғамсаро бишуд,
Ҷуғзе даруни синаи ман ошёна кард.
Бишнид оҳу нолааму ҳамсадо бишуд,
Бар хеш ашку дони ғамам обу дона кард.

Худ бо шумо, ки шоҳини хушболу пар будам,
Ду боли ман шикасту шудам паршикастае.
Бар осмон назар кунам аз чашмаки қафас,
Шояд хумор бишканам аз мурғи растае.

Аз нав хаёлу ёди шумо мекунад пареш,
Шаҳбозҳои пар зада аз хонадони ман.
Дарди фироқ мекунадам зору нотавон,
Наздики хеш соз кунед ошёни ман.

Рӯзе ки мо ба ҳамдигар оем рӯ ба рӯ,
Мо зиндагии худ зи нав оғоз мекунем.
Дар ин ҷаҳон агар набувад ҷо барои мо,
Парвоз дар ҷаҳони дигар боз мекунем.

## СЕ МАНЗАРА

Аз Амфитеатр садои тарона меомад:
Таронаи ҷавонӣ.
Ошиқон дар гулгаштҳояш равуо мекарданд
Бо ҳам бо меҳрубонӣ:
Ҷуфте дастобадаст,
Ҷуфте лаб ба лаб.
Арчаҳои наврас аз насими шомгоҳӣ
Хаму рост мешуданд.
Ба ошиқон дуруд мегуфтанд.
Гулҳои ношукуфта
Аз дидори шукуфтарӯён
Мешукуфтанд…
Пирмарде дар гулгашт
Гаштугузор дошт.
Аз ҳавои беғубор нафас мекашид,
Ғубори аз ҷавонӣ дар дилаш мондаро
Мебаровард,
Ҳаваси ношикастаашро мешикаст.
Лабҳои парсингбастааш
Ёди бӯсаҳои нагирифтааш мекард.
Дар гӯшаи гулгашт
Дарахти солхӯрдае
Ки шохаҳои хушкида
Ва баргҳои зардшуда дошт,
Дар зераш дилдодагонро дид,
Ки яке дигареро оғӯш мекард.
Дарахт захмҳои тану решаашро фаромӯш мекард,
Умеди дубора сабзидан дошт.
Аз Амфитеатр садои тарона меомад:
Таронаи ҷавонӣ…

* * *

Ҳар саҳаргаҳ ба хониши мурғон
Мешавам ман зи хоби худ бедор.
Ҳар яке лаҳни дигаре доранд,
Баҳри мо мондаанд чун асрор.

Сад дареғо, ки лаҳни мурғонро
Чун забон дар ҷаҳон намедонем.
Боз бо ин ҳама, чӣ коноӣ,
Тир бар сӯяшон бипарронем?!

## САЙД

Бумҳо шабонгаҳ ба сайд мебароянд,
Ағлаб шоирон низ шабкоранд.
Сайди эшон дигар аст,
Шоирон бобароранд.
Субҳро ба ҷои шаб меоранд.
Ва боз бо худ
Шеъри тари шабнамӣ,
Шеъри сафеди субҳона доранд.
Аз сафои субҳ
Ва шираи шеър бархурдоранд.

Шоиронро ба сайди бумҳо коре нест.

* * *

Тозадил, бо тозаҷонам дӯст медорам туро,
Берун аз андоза, ҷонам, дӯст медорам туро.

Ман барои ту дари дилро кушодам пештар,
Эй кушо дарвоза, ҷонам, дӯст медорам туро.

Бодбони умри ман бо ту ба соҳил мерасад,
Чун насими тоза ҷонам, дӯст медорам туро.

Гуфтиам, ки ошиқии мову ту овоза шуд,
Мон, шавад овоза, ҷонам, дӯст медорам туро.

Аз вафодории ту дар сина менозад дилам,
То абад, дилнозаҷонам, дӯст медорам туро.

## ШӮРУ ФИҒОНИ ҶАЙҲУН

Донӣ, чаро рӯди Ҷайҳун шӯр дорад?
-Аз марги шоири шӯридадил Адиб Собири Тирмизӣ,
Ки сангҳои баста дар ҷисми ӯ то ҳол зери обаш мондаанд.
Пас фиғонаш аз чист?
-Боз ҳастанд зумрае ки на танҳо ба Ҷайҳун,
Балки ба дарёи дили шоирон низ санг меандозанд.

## ГАРДУНАКАШ

Зери гардун, ки на гардунасаворӣ дорам,
Марди гардунакашам, ҷомаи корӣ дорам.

Зинбапуштам агар имрӯз ба амри қисмат,
Ёвару чорагаре - аспи қаторӣ дорам.

Меравам бо раҳу пайроҳа барои рӯзӣ,
Донакаш мӯраму гаҳ-гоҳ бароре дорам.

Ҷипсаворон зи барам пешу қафо мегузаранд,
Эҳ чӣ донанд, ки ман ҳоли низоре дорам.

Зинсаворон, ки надоранд қароре дар роҳ,
Ман ба ҳар ҷабри замон сабру қароре дорам.

Гар шабонгаҳ пули худро шумарад дорое,
Мани нодор шаб исторашуморӣ дорам.

Баччагонро бинишонида ба гардунаи худ,
Шодмонам, ки сабук одаму боре дорам.

Агарам бори гунаҳ бор кунад пургунаҳе,
Худ гунаҳкор шуда нолаву зорӣ дорам.

Зери гардун, ки на гардунасаворӣ дорам,
Марди гардунакашам, ҷомаи корӣ дорам.

## ДОҒИ ЗАМОН

Духтарон майпарасту мардон маст,
Ахтари наҳс ё фурӯ биншаст?

Шуд ҳаё ҳамчу ганҷи ноёбе,
Шарм чун обрӯ бирафт аз даст.

Бешуморанд ҳолиё ғарҳо,
Нест роҳи «муродашон» бунбаст.

Фосиқонро намондааст оре,
Санги номӯсу ор ҳам бишкаст.

Сарбаландӣ кунанд фосиқҳо,
Ошиқон пеши фосиқон сарпаст.

Эй худо, дар куҷост мулки ҳаё,
Боядо дар ба беҳаёӣ баст.

Боз кун, боз кун дари иффат,
Бояд аз қайди фаҳш берун ҷаст.

## БЕРУН АЗ ХОК

*Дар сӯги дӯсти суханварам*
*Станислав Золотсев*

Мо, ки меҳмон дар ин саро ҳастем,
Мизбонӣ кунад ҷаҳони куҳан.
Пештар рахт бар сафар бастӣ,
То ба дидор, марди шеъру сухан.

Мӯю сутхон сафед бинмуданд
Зумрае гар дар осиёби сухан,
Хуни худро сафед кардӣ ту
Дар сари рангу обутоби сухан.

Рафта зӯру тавони ман бурдӣ,
Бе ту мондам чӣ нотавону ҳақир.
Кай ба мислат дигар кунам пайдо
Меҳрубоневу тарҷумону сафир?

Бе ту гӯё ки аз забон мондам,
Бе ту гум карда шеърхони дигар.
Баъди ту боли шеъри ман бишкаст,
Пар назад то бар ошёни дигар.

Боз кам шуд шумораи ёрон,
Бе ту гум гашт сарҳисоби дилам.
Дуриат ранҷи дидагонам буд,
Дарди ҳаҷри ту шуд азоби дилам.

Худ агар як заминие будӣ,
Марзи шеъри ту буд афлокӣ.
Хок бар мадфанат напошидам,
Чун бароям ту берун аз хокӣ.

*2008*

## УСТОДИ ҲИСОБ

Гарчи буд номи накӯят Комрон,
Кард нокомии ту боормон.

Хостӣ устод бошӣ дар ҳисоб,
Рӯзи маргат шуд ҳисоби беҷавоб.

Рафтани ту теғи алмосӣ бишуд,
Модарат аз рафтанат осӣ бишуд.

Хира шуд ду дидаи пурнури ман,
Дар барат чун ҷой шуд Масрури ман.

Худ набудӣ гар таҳамтан, паҳлавон,
Дарду андӯҳат бишуд бори гарон.

Бори ҳасрат қоматамро хам намуд,
Зӯри дардат қудратамро кам намуд.

Ҳар гаҳе, ки бар мазорат меравам,
Дил хуморӣ гашта, зорат меравам.

Дидагонам сер аз рӯят нашуд,
Ҳам машомам сер аз бӯят нашуд.

Дар мазорат он ниҳоли ёдгор,
Гаштааст алъон дарахти соядор.

Гар барои ту бишуд он соябон,
Бе ту ман бе соябонам, меҳрубон.

Гарчи месӯзам ба ёдат солҳо,
Меравам баҳри аёдат солҳо,

Кам нагардад лек сӯзу оҳи ман,
Суфта шуд то бар мазорат роҳи ман.

Дар канорат гарчи бар ман ҷо намонд,
Лек холӣ ҷои ту дар хона монд.

Санг мондам бар мазорат чун нишон,
Ашкҳо шустанд гарди рӯи он…

Дарди дигарҳо гаҳе монад ниҳон,
Дарди ман бошад барои ман аён.

Дарди ман ранҷи фироқасту гарон,
Меравам ман бо ҳамин дард аз ҷаҳон.

Меравам фардо барои васли мо,
Эй мабодо дар миёна фасли мо.

Ҳолиё ҳар рӯзи умрам дар шитоб,
Худ шудам ҷои ту устоди ҳисоб.

## ОЙИНАИ ВАРЗОБ

Дар саҳфаи ёди ман мондаст шаби маҳтоб,
Мову ту ба ҳам наздик, буд дур зи чашмон хоб.

Пойиз буду Варзоб ором равон мешуд,
Дарёи муҳаббат буд дар ҷӯшу хурӯшу тоб.

Бар ҳусну ҷамоли ту мебурд ҳасад кавкаб,
Рухсори туро медид дар ойинаи Варзоб.

Ҳарчанд, ки худ ҳастам бар субҳи сафо ошиқ,
Ин бор бигуфтам: «Шаб, то дер бимон, маштоб».

Дар соҳили беодам пур буд канори мо,
Дарёи муҳаббат дошт гаҳ мавҷу гаҳе гирдоб.

Бигзашт маҳу соле, нагзашт зи ёд он шаб,
Дар дафтари хотир монд чун шеъри тару ҷаззоб.

## ГАРМО

*Осмон обӣ нест...*
***Сӯҳроби Сипеҳрӣ***

Осмон нилӣ асту обӣ аст,
Субҳ борони офтобӣ аст,
Шом борони моҳтобӣ аст,
Боз дил интизори боронҳост.

## ОҲАНГИ БОРОН

Борони тирамоҳӣ оҳанг менавозад,
Чун мутриби хушилҳон хуш чанг менавозад.

Хоҳам тарона гӯям бо сози нарми борон,
Илҳом тори дилро ҳарранг менавозад.

Борон ба кӯҳу пушта борида реза-реза,
Нахлу гиёҳи ҳар тал, ҳар санг менавозад.

Ёди гузашта дорад гоҳе мақоми борон,
Дар маънии «Авасто», «Аржанг»[1] , менавозад.

Борон ҳаменавозад ҷуз табл бо ҳар асбоб,
Таббол сози дигар дар ҷанг менавозад.

Бишнида рези борон, айёми баргрезон
Дил барг-барг резаш аз нанг менавозад.

---

[1] Номи китобҳои қадима

## БА ВАСЛ ОМЕЗ

Шод бош, эй дил, ки ёри рафта боз омад,
Будӣ ту озурдаву он дилнавоз омад.

Гар ба дарди интизориат набуд дармон,
Чун табиби меҳрубони чорасоз омад.

Бар сарат борони ғам мерехт рӯзу шаб,
Ҳамчу борони нишоти ғамгудоз омад.

Хонаат буд мисли шабҳои сияҳ тира,
Нури меҳр аз нав дурахшон кард, соз омад.

Дарди танҳоии худ дигар ба васл омез,
Он арозии ту боз омад, ба ноз омад.

Тоза кун ойинаи дил аз ғубору чанг,
Дилбари машшоқаат бо чангу соз омад.

Эй дили Маъмур, вайронат шавад обод,
Чунки меъмори ту бар пардоз боз омад.

## ЁРИ СУХАН

*Эҳдо ба Ҳадисаи Қурбон*

Будем ману ту ду ятими даврон,
Дар кӯчаи рӯзгор ду саргардон.
Гаштем ҷудо зи модару оғӯшаш,
Афтода ба оғӯши ғаму дарди замон.

Аз ранҷу азобҳо, ки дил гашт қалам,
Шуд бо қаламу китоб кам бори алам.
Сарномаи хешро навиштем зиёд,
То номаи ошиқӣ бикардем рақам.

Мо шоирӣ аз китоб н-омӯхтаем,
Аз мактаби зиндагӣ бал андӯхтаем.
То гарм кунем ҳар дилеро бо шеър,
Дар нори Сухан нахуст худ сӯхтаем.

Дар ҷодаи шеъру шоирӣ раҳпӯем,
Хонанд, ки шоирони равшангӯем.
Чашму дили равшане, ки худ доди худост,
З-ин рӯ ду тани хушназару хушҷӯем.

Имрӯз нагӯянд, ки мо нодорем,
Бас шеъру суруду достонҳо дорем.
Бар моли ҷаҳон набастаем асло дил,
Бо бастаи шеър бар диле ҷо дорем.

Хоҳам ҳама дам бо ту ба даврон бошам,
Як ҳамқаламу ҳамқадам аз ҷон бошам.
Чун ёри Сухан, ки мекунӣ кори Сухан,
Қурбони Сухан Ҳадиса Курбон, бошам.

* * *

Дӯш ман ҳам китобхон будам,
Шуд ба нури сухан шабонам рӯз.
Хонда сарномаҳои рангине,
Рехтам ашк шамъсон бо сӯз.

Ҳолиё, ки қаламкашӣ дорам,
Медиҳам сарнавишти худ ба қалам.
Сатрҳои ба ашк суфтаи ман
Мекунад ғуссаи дилеро кам?!

## МАРДИ ҲУНАР

*Эҳдо ба дӯсти ҳунармандам*
*Ортиқ Қодири Меҳрафзун*

Бар саҳна чу Ортиқ бигардад ҳозир,
Гоҳе бувад ӯ шоиру гоҳе носир.
Ангуштшумор монда чун марди ҳунар,
Ангушти зиёдатӣ набошад Қодир.

Ҳарчанд суханварӣ ба мо дар хун аст,
Бозори сухан касоду дил маҳзун аст.
Пӯяндаи роҳи шеър бошад бисёр,
Ҷӯяндаи шеъри ноб Меҳрафзун аст.

Дар саҳна биёфарида накши Шоҳин,
Гаштӣ ту сазовор ба ҳамду таҳсин.
Шоҳин зи ҷаҳон ба умри кӯтоҳ бирафт,
- Умри ту дароз!, - гуфта кардам омин.

Эй Ортиқ, эй ровии шеъри тоҷик,
Ҳамрози суханварони дуру наздик,
Чун шеъри Аҷам хоста умри ҷовид,
Дар қуллаи панҷоҳ намоям табрик!

## ДАР ВАФОТИ ФАРЗАНД[1]

Рафтӣ аз дори фано, эй Маҳмадуллоҷони мо,
Аз ғамат хунобае мерезад аз чашмони мо.
Дастгиру муттакои мо ту будӣ дар ҳаёт,
Рафтию бе хеш бурдӣ қуввату дармони мо.
Алвидоъ, эй Маҳмадулло, нури чашмон, алвидоъ,
Алвидоъ, фарзанди дилбанди беҳ аз ҷон, алвидоъ.

Худ ҷавон будию будӣ раҳнамои дигарон,
Мӯнису ғамхор будӣ аз барои дигарон.
Мушкиле гар пеш меомад, ту будӣ беҳарос,
Мешудӣ ҳам чорагар, мушкилкушои дигарон.
Алвидоъ, эй Маҳмадулло, нури чашмон, алвидоъ,
Алвидоъ, фарзанди дилбанди беҳ аз ҷон, алвидоъ.

Аз фироқат хоҳаронат оҳу афғон мекунанд,
Ҳам падар, ҳам додари ту нола аз ҷон мекунанд.
Аз ҷудоӣ ҳар яке резанд ашк аз дидагон,
Ашки сӯзонро ниҳон аз чашми ёрон мекунанд.
Алвидоъ, эй Маҳмадулло, нури чашмон, алвидоъ,
Алвидоъ, фарзанди дилбанди беҳ аз ҷон, алвидоъ.

Рафтию дар синаи мо монд дарду доғи ту,
Ту хазон гаштию пургул гашт нахли боғи ту.
Нахли сабзат ҳамчу қаддат мекашад қад ҳар баҳор,
Дар назар холист аммо бе ту боғу роғи ту.
Алвидоъ, эй Маҳмадулло, нури чашмон, алвидоъ,
Алвидоъ, фарзанди дилбанди беҳ аз ҷон, алвидоъ.

---

[1] Ин марсия бо хоҳиши модари марҳум Гулзира Ҳалимова навишта шуд.

## СУРОҒ

*Ба ёди Сафия Қодирова – ҳамсари шоири*
*зинданом Ҳабибулло Файзулло*

Духтари суғдии Фалғар, дилбари шоир шудӣ,
Бо сари сабзат ба Хатлон ҳамсари шоир шудӣ.
Ишқи ту бар шеърҳояш дод агар болу паре,
Дар фазои зиндагӣ худ ҳампари шоир шудӣ.

Байни ҳамсолон Ҳабибуллои шоир ном дошт,
Чун падар дар хонадон ҳам иззату икром дошт.
Гарчи дар айни камолот аз ҷаҳон ноком рафт,
Дар ҳаёт аз шираи ашъор ширин ком дошт.

Худ бирафту ёдгоре бар ту фарзандон бимонд,
Вориси умри ҷавонаш чор ҷон аз ҷон бимонд.
Бори сангини замон бар дӯши худ бардоштӣ,
Чор ҷон бар нимаҷон чун қуввату дармон бимонд.

Ёр рафту устуне аз хонаи қалбат фитод,
Чор дилбандат бишуд чор устуни боэтимод.
Чоряк асри ту гарчи бе Ҳабибулло гузашт,
Кам накардӣ бар ҳабиби хеш меҳру эътиқод.

Манзили ӯро, ки ободу чароғон доштӣ,
Баҳри ашъораш даруни сина девон доштӣ.
Дарди ҷонкоҳи фироқ охир ба ҷонат кора кард,
Солҳо аз ранҷи дил оҳеву афғон доштӣ.

Оқибат рафтӣ зи олам бо тамannoи дигар,
На ба Фалғар, Ховалинг, ин бор бар ҷои дигар.
Чун дар ин дунё ту гум кардӣ Ҳабиби шоират,
Бар суроғи ӯ гирифтӣ раҳ ба дунёи дигар.

## АРЗИ ҚАЛАМКАШ

Завқ коҳиду ба ғам банда шудем,
Зор бар мухлису хонанда шудем.

Қиссаю шеър навиштем зиёд,
Худ чу дарвеш ба як жанда шудем.

Нашри осор ба дур афкананд,
Чашми уммед ба оянда шудем.

Норасида зи равуо ҷое,
Ҳамчунон мокуи бофанда шудем.

Сарпарастони баэҳсон ҷустем,
Боиси таънаву ҳам ханда шудем.

Боз бар буда қаноат кардем,
Ҳамдами миллати сарзинда шудем.

Меҳр аз ҷону дилу дида парид,
Ҳар кӣ чун абр пароканда шудем.

Баски беқадр шуда дурри сухан,
Даври хуб омаду мо ганда шудем.

## ИЛТИҶО АЗ ВАТАНСАРОЁН

Беҳтарин ҳарфи муҳаббат Ватан аст,
Меҳру ихлосу садоқат Ватан аст.

Шеърбофӣ ҳунаре нест, ки нест,
Сухани аз ҳама қимат Ватан аст.

Шоиру шеър худододӣ аст,
Ҷуръату кӯшишу заҳмат Ватан аст.

Шоири шеъри сара доро нест,
Баҳри ӯ давлату сарват Ватан аст.

Худ Ватан гулшану хораш накунед,
Бар Ватандор ғанимат Ватан аст.

Худ Ватан шеъру шиораш накунед,
Пурбаҳо аз ҳама санъат Ватан аст.

Гар Ватанро ҳама модар хонанд,
Модари модари миллат Ватан аст.

## ЧАНОРИ БАЛҶУВОН

Шаҳчаноре, ки Балҷувон дорад,
Дида наврӯзи чанд садсола.
Решааш устувор дар хок аст,
Хоҳаме бошад он абадсола.

Сояаш соябони мардум буд
Вақти борону мавсими гармо.
Танааш хонаи мусофир буд
Айни пойизу мавсими сармо.

Шаҳчанори қадими кӯҳистон
Ҳамчу таърихи Балҷувон бошад.
Мирҳо дидаасту Восеъҳо,
Аз ниёгони мо нишон бошад.

Як замон Ҳоҷии Ҳусайнашро
Ҷой дода ба зери сояи худ,
Шӯҳрати шоири ҷавонашро
Ӯ расонид то ба пояи худ.

Номи Кангурти хешро Ҳоҷӣ
Бар Бухоро, ки ҳамраҳи худ бурд,
Бозгашта чу шаҳчанори деҳ,
Ҷовидонӣ бимонд дар Кангурт.

Шаҳчанори қадими кӯҳистон
Дастҳое зи шохаҳо дорад.
Ҳамчу пири хирад ба раҳгузарон
Ҳолиё даст бар дуо дорад.

## БА ШОИРОНИ ҲАМСОЛАМ

Шоирон пир мешаванд, афсӯс,
Як-як аз даҳр мераванд, афсӯс.
«Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс»[1]
Умр чун бод медавад, афсӯс.

Шоирон пир мешаванд, афсӯс,
Мешавад ишқномаҳо камтар.
Номаи ошиқони дилдода
Номаи дил намешавад дигар.

Шоирон пир мешаванд, афсӯс,
Мешавад баъди сурҳо мотам.
Шоири ҳалқие шуда пайдо,
Шоири халқие бигардад кам.

Шоирон пир мешаванд, афсӯс,
Боз оянд шоирони замон.
Лек бо ному шеъри худ оянд -
Бо раҳу пайраҳи дигар ба ҷаҳон.

Шоирон пир мешаванд, афсӯс,
Ҳеҷ кас дар ҷаҳон намепояд.
Гарчи ояд суханвари навҷӯ,
Лоиқи дигаре магар ояд?!

---

[1] Мисраъ аз Лоиқ

Шоирон пир мешаванд, афсӯс,
Мурғи илҳом монад аз парвоз.
Шоирон ҷои шеъри тозаву тар
Ёднома ҳамекунанд оғоз.

Шоирон пир мешаванд, афсӯс,
Қадрдонии шоирон бояд.
Гарчи худ хокию заминианд,
Ҳарфи эшон аз осмон ояд.

Шоирон як замон ҷавон буданд,
Ҳолиё пир мешаванд, афсӯс.
Худ, ки чун тир бар замин буданд,
Аз ҷаҳон тир[1] мешаванд, афсӯс.

[1] Тир шудан - гузаштан

## СОЗИ ЁДГОР

*Эҳдо ба Баҳроми Қодирӣ*

Баҳром!
Бикун ба нағма оғоз,
Бинвоз, дутори хеш бинвоз.
Имшаб, ки шаби дарози сол аст,
Оҳанги хуши ту нек фол аст.
Бинвоз, ки хоб дур гардад,
Ин шом шаби сурур гардад.
Бинвоз, ки нағмаю навоят,
Ғамҳои дили ҳазин зудояд.
Дар нағмаю сози ту чӣ сеҳр аст,
Як олами шавқу шӯру меҳр аст.
Ду тори дутори ту чӣ тор аст,
Дар тори ту рамзи бешумор аст.
Ду тор, ки андар ин дутор аст,
Аз ёди гузашта пардадор аст.
Нохун бизанӣ ба тор гоҳе,
Аз дил бикунам бурун чӣ оҳе.
Зеро ту кунун ягона ҳастӣ,
Аз Рустаму Шиш нишона ҳастӣ.
Чун созу навояшон навозӣ,
Гардад зи ту рӯҳи ҳарду розӣ.
Ҳарчанд Карими Шиш надидам,
Оҳанги варо зи ту шунидам.
Бар гӯш, ки «Хайрбод»-и ӯ монд,
Ҷовид ба сина ёди ӯ монд.
Рустам, ки дутории замон буд,
Аз захми замон бигашт нобуд.

Мондаст вале навою созаш,
Ифшо бикунад навош розаш.
Баҳром!
Дутори хеш бинвоз,
Сози ту ба субҳ бахшад оғоз.
Дар сози ту рези кӯҳсор аст,
Аз он ду дуторӣ ёддор аст.

## КӮҲ БУД МОДАРИ МАН

Афтод бо садое
Як порасанг аз кӯҳ.
На буд садои форам,
Буд он садои андӯҳ.

Хомуш нашуд садояш,
Н-афтод то ки бар зер.
Овози санги нолон
Бедор кард хотир…

Модар бирафт вақте
Ман ширхора будам.
Кӯҳ буд модари ман,
Ман кӯҳпора будам.

## АФСОНАИ ЗИНДАГӢ

*Ба набераам Меҳрон*

– Афсона гӯй, – гуфтӣ,
Як шом, ҷони бобо.
Афсона бар ту кардам
Умрам, ба сони бобо.

Бобои ту, бигуфтам
Ҳаргиз набуд бойе.
Ӯ дошт дар бисоташ
Се тангаи тилойӣ.

Ҳар танга дошт бар худ
Номе ба зиндагонӣ.
Як танга буд тифлӣ,
(Дуюм, ки баччагӣ буд),
Сеюм будӣ ҷавонӣ.

Бобо чу пир гардид,
Се тангааш бишуд гум.
Бар ту бимонд мерос
Се танга дохили хум.

Хезӣ саҳар зи хобат,
Он хумчаи тилоро
Бар ту нишон диҳам ман,
Пас мекунӣ тамошо.

Акнун чу хезад аз хоб
Тозон ба сӯям ояд.
– Тилои ман куҷо шуд,–
Гӯён зи дар дарояд.

Тилои ман ту ҳастӣ
Меҳрони меҳрубонам.
Се тангаи тилоро
Мерос бар ту монам.

## НОШИНОС

Гуфтанд, раҳи маро ту мепоидӣ,
Мехостӣ, то шинос бошӣ бо ман.
Ҳарчанд раҳи ману ту як буд бо шаҳр,
Аммо раҳи дил дароз будӣ то ман.

Аз назди ту мегузаштаму мерафтам,
Медидаму ношинос будӣ бар ман.
Огоҳ набудам аз дили шайдоят,
К-он дошт умеду орзуят дар ман.

Нагзошт ҳаёву шарми шарқона туро,
То пештар оиву шиносо гардем.
Монандаи ду чашмаи пурчӯшу хурӯш,
Пайванд шавему ҳарду дарё гардем.

Бо дидани ман дода ба қалбат таскин,
Мерафтию будӣ аз паи кори дигар.
Рози дили ту нагуфта мемонд зи нав,
Будӣ ба умеди рӯзи дидори дигар.

Аммо раҳи қалби мо напайваст ба ҳам,
Ман ёри дигар дораму ту ёри дигар.
Мову ту ду ношинос то кай бошем,
Медидамат, эй кошки, як бори дигар.

## ДӮСТДОРИАТ САВОБАМ БУД…

Ошиқонат бешумар буданд,
Ман яке з-он ошиқон будам.
Ишқи ту афсона мегуфтанд,
Ман яке афсонахон будам.

Ҷумлае чун ошиқи шайдо
Қисса мегуфтанд аз Маҷнун.
Зумрае хонда туро Лайло,
Мешуданд аз ҳусни ту мафтун.

Ҳусни ту чун офтобӣ буд,
Ман бароят соябон будам.
Гарчи будам шоири боном,
Ман ба наздат безабон будам.

Аз миёни дӯстдоронат
Интихоби ту шудам охир.
Бе китоб он гаҳ агар будам,
Худ китоби ту шудам охир.

Хондӣ аз ҳар саҳфаи рӯям
Қиссаи буду набудамро.
Аз муҳаббат худ нагуфтам ҳарф,
Кардӣ азбар ту сурудамро.

Дар миёни дӯстдоронат
Хешро хушбахт мехондам.
Гарчи як доништалаб будам,
Хешро бар тахт мехондам.

Лек бо гаҳворабахши худ
Як замон базме бапо кардӣ.
Тахти бахти ман бишуд вожун,
Чун маро аз худ ҷудо кардӣ…

Дӯстдориат савобам буд,
Шуд ҷудоиат ваболи ман.
Ёди ту чун офтобу моҳ
Сайр дорад дар хаёли ман.

* * *

Хостам аз раҳи фаромӯшӣ
Ҳеҷ гоҳат наоварам бар ёд.
Лек ёдат намеравад аз сар,
Номи ту бар забон, занам фарёд.

Гарчи аз ту ҷудоиам мушкил,
Хешро лек мекунам маҷбур.
Мечашам талху шӯри маҳҷурӣ,
То туро аз хаёл созам дур.

Лек аз нав ба ёд меоӣ,
Ҷо ба худ дар ҷаҳон намеёбам.
Пои ман мекашад ба даргоҳат,
Лоҷарам, гӯши хеш метобам.

Ҳарфи ту буд чи талху дардовар,
Ранҷи ҳиҷрони ту чӣ мушкилтар…
Шояд он гаҳ кунам фаромӯшат,
Роҳ гирам ба олами дигар.

## АБР

*Ба ёди Аминҷон Шукуров*

Ба тундӣ меравад абре Бухоро,
Чунон чун аспи бесабри Бухоро.
Саворашро, Худо, тамкин ато кун,
Насозад абрро қабри Бухоро.

## ҚИТЪА

*Барои Мирзобеки Нимичӣ*

Хайр, эй Хоҷа Оби Гармам, хайр,
З-обу буғат ҳалиму нармам, хайр.
Бурд аз тан ғубору дардамро,
Монд бо ман азизи Ғармам, хайр.

* * *

Он сустназмакон, ки бас эҷод мекунанд,
Бо хоми хеш бар ҳама бедод мекунанд.

Чун пухтагӯйҳо бинамуда ба базмҳо,
Навбофта бихондаву фарёд мекунанд.

Гӯё набуд пеш чунин шеъри ширадор,
Худ ширхору таънаи устод мекунанд.

Як гул накарда сабз ба бустони бехазон,
Помол карда з-он дили худ шод мекунанд.

Аз шеъру шоирӣ сабақе дода ҳар замон,
Мактабнадидаҳо каҳи худ бод мекунанд.

Аз рӯду чашмасори ҷаҳон хӯрда обҳо,
Ҷӯе наканда даъвии Фарҳод мекунанд.

Маъмур, эҳтиёт зи ношоирони давр,
Каҳдон ба ҷои кох чу бунёд мекунанд.

* * *

Ҷуз хаёли ту хаёли дигаре нест маро,
Мисли занбӯр ба ҳар гул назаре нест маро.

Гарчи бо Дардариям дӯст, наям дарбадаре,
Ҷуз дари қалби ту уммеди даре нест маро.

Ҳар гаҳ аз аҳду вафо шеъру ғазал мегӯям,
Баҳри ташбеҳ мисоли дигаре нест маро.

Нахли ишқам, ки бисабзид ба хоки кӯят,
Боғбонам ту набошӣ, самаре нест маро.

Бахти мо мешукуфад ҳамчу гули шомусаҳар,
Бе ту шом аст сиёҳу саҳаре нест маро.

Мурғи илҳоми маро ишқи ту болу пар дод,
«Сари парвоз ба боли дигаре нест маро»[1]

[1] Мисраъ аз Соиб

* * *

Пирӣ омад бар сар, аммо сар ғами пирӣ надорад,
Аз ҷамоли нозанинон чашми ман серӣ надорад.

Дил агар бошад ҷавон, аз пирии худ шиква беҷост,
Дилҷавонӣ баҳри пирон ҳамзамон дерӣ надорад.

Офарин хонам ба дил, к-он то кунун дорад хурӯше,
Метапад орому ноором, дамгирӣ надорад.

Бо бузургии худ ин дил хоксору бурдбор аст,
Даъвии мардӣ варову даъвии мирӣ надорад.

Мезанад зарбе ба тори хеш, то бидҳад садое,
Ту магӯ, ки торҳои дил баму зерӣ надорад.

Сӯҳбати ширини пирон як ҷаҳон бахшад ҳаловат,
Аз барои талхкомон лаззати ширӣ надорад.

Одамӣ ҳам дар мисоли сол дорад чор мавсим,
Фасли пирӣ файзи хосу зиннати дерина дорад.

* * *

*Тазмин ба ғазали Қассоб*

Аз шишаи холӣ ба азоб аст дили мо,
Бо шишаи пур майли ҷавоб аст дили мо.

Дар нозукӣ аз мо набувад нозуки дигар,
Ҳамчун вараќи кӯҳнакитоб аст дили мо.

Мастӣ амали мосту дорем аз он фахр,
Аз мардуми ҳушёр қимоб аст дили мо.

Бархез табибо, чӣ кунӣ набзшуморӣ,
Пеш ор ту майро, ба ҳисоб аст дили мо.

Аз панду насиҳат, ки ба ҷое нарасидем,
Рав, «оби шифо» ор, хароб аст дили мо.

Аз тори дилу тори асаб ҳеҷ напурсед,
Чун ҷӯршуда тори рубоб аст дили мо.

Бо тангдилӣ нест кушодӣ сифати дил,
Дар баҳри арақ ҳамчу ҳубоб аст дили мо.

Ҳушёр, азоби дили моро ту чӣ донӣ,
Бе оташи май бе табу тоб аст дили мо.

* * *

Бас чашмаҳо, ки об ба Варзоб медиҳанд,
Нопокҳо зи он хари худ об медиҳанд.

Партобаҳои хеш бипартофта ба рӯд,
Бар ҷои об заҳр ба нотоб медиҳанд.

Биншаста гирди ҳам лаби дарё шаробиён,
Пас шишаҳои монда ба гирдоб медиҳанд.

Бо мавҷи об дидаи худ дода обутоб,
Нодида ғажд, дида паи хоб медиҳанд.

Гӯши замона кар бувад, он арз нашнавад,
Гӯши замонадор магар тоб медиҳанд?!

Гар мардуми Тагоб сари об мехӯрад,
Бар мардуми пасоб таги об медиҳанд.

## МАВЛОНО

*Аз шоири Фаронса*
***Антанас Ванчев де Траси***

Ишқ,
Ишқи осмонӣ,
Поктар аз покҳо,
Дар замин буд аз вафодорони
ту Мавлои Рум.
Паҳн карда нури Ҳақро дар
фазои синаҳо,
Шуд азизи аҳли олам орифи
яктои Рум.

Пои ӯ дар фарш буду дасту
чашмаш сӯи арш,
Ҳарфу созаш чун муҳаббатнома
бар Аллоҳ буд.
Шавқу шӯру ваҷди қалбашро
набуд андозае,
Бо муридон ҳар гаҳе рақси
самоъӣ менамуд.

Чун Муҳаммад, чун Ғазолӣ,
ҳамчу Исо, Муҳтасиб,
Ҳамчу Мӯсо, ҳамчу Ал-Бастомию
Ҳаллоҷҳо,
Фаслҳоро васл карду
халқҳоро меҳрубон,
Аҳли ирфонро бишуд ҳар ҷо
чароғи раҳнамо.

Чун забони ширадори ӯ забони
чаннат аст,
Мекунам бо сидқ дар дарёи
ашъораш шино.
Ҳар замон аз қаъри дарёяш
гирифта гавҳаре,
Ман ба Мавлоно ҳамехонам
зи чон ҳамду сано.

## ЛОИҚ

*Аз шоири туркман Атамурод Атабоев*

Агарчӣ ӯ бимонд ашъори афзун,
Фузун умраш нашуд чун достонҳо.
Бирафт айни камол, эй Тоҷикистон,
Накӯ фарзанди ту бо ормонҳо.

Чӣ сангину гарон бори ҷудоӣ,
Ки холӣ монда алъон ҷои шоир.
Вале бар рафтанаш бовар надорам,
Ки ҳар дил гашта буд маъвои шоир.

«Набошад халқи бе шоир ба олам»,
Ту мегуфтӣ ба ҳар маҳфил ба мардум.
Бикардам хубтар дарки каломат,
Аз он рӯзе, ки ман кардам туро гум.

Гарон буд аз бароят дарди миллат,
Қалам бишкасту умрат кард кӯтоҳ.
Раҳи шоир раҳи душвор бошад,
Набитвонад сипардан ҳар кӣ ин роҳ.

Муаммои ҳаёт охир надорад,
Набошад ҳалли он ҳам саҳлу осон.
Валекин шоирон мушкилписанданд,
Наметарсанд аз ҳаллаш ба даврон.

Чу шоир ворисӣ арзанда будӣ
Барои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофиз.
Давоми Саъдию Хайём будӣ,
Фаромӯшат намесозем ҳаргиз.

Маро дидори охир монда дар ёд,
Ба шаҳрам меҳмон будӣ сари роҳ.
Ҳикоят карда аз ҳоли диёрат,
Кашидӣ бо алам аз синаат оҳ.

Ба ёд оварда давру рӯзи мозӣ,
Қадаҳ бар даст бигрифтию гуфтӣ:
«Бимонад осмони кишварат соф»,
Сухан гуфтию дурри меҳр суфтӣ.

Агарчи соате будем бо ту,
Вале бигзашт он соат чу як дам.
Агарчи будӣ худ хомӯш, Лоиқ,
Бидидам ман туро дар панҷаи ғам.

«Кунун шоир надорад эътиборе,
Надорад эҳтиёҷе даҳр бар ӯ».
Бигуфтӣ бо алам ин ҳарфҳоро,
Набуд аммо гуноҳат як сари мӯ.

Ба олам ҳеҷ чизе бобақо нест,
Сухан дорад ба худ ҷою мақоме.
Намонад аз дигарҳо гар нишоне,
Бимонад аз суханвар шеъру номе.

Нигоҳу ҳарфҳояш ҷовидонӣ,
Муҳаббатҳои шоир бекарона.
Замин хурд аст аз баҳри суханвар,
Чу дорад гуфтугӯ ӯ бо замона.

Ба шеърaш карда авсофи Ватанро,
Равад бар олами дигар ба ҳасрат.
Бикарда зиндагӣ бо хоксорӣ,
Ба халқи худ бимонад ному шӯҳрат.

Дар ин дунё, ки дӯзах диду оташ,
Дар он дунёст ҷои ӯ ба ҷаннат.
Аё Лоиқ, ту фирдавс офаридӣ
Ба ҳар ҳарфи тари шеъри равонат.

Суруди наҷми танҳо нашнавидӣ,
Ҷаҳонро тарк бинмудӣ ба оҳе.
Вале ҷовид мондӣ дар дили мо,
Надорад марг шоир ҳеҷ гоҳе.

## ТАЗОДҲО

Аср нав шуд, кӯҳнагӯ бисёр шуд,
Шоири навҷӯю навгӯ хор шуд.

* * *

Дар замоне, ки Сухан хор аст, хор,
Хор аз ҳастии худ кардаст ор.

* * *

Менависад танзҳо бар «шоири ашъори фач»,
Бехабар аз он, ки худ гаштаст чун шоир фалаҷ.

* * *

«Шоирӣ - девонагӣ», - гуфтанд чанд,
Ҳолиё девонаҳо шоир шуданд.

* * *

Ба дипломи муаллими риёзӣ
Зи ҳар фан дарс мегӯяд ба бозӣ.

## БА ШОИРОНИ ШИОРӢ

Хастаам аз шеърҳои «Зинда бод!»-и шоирон,
Аз таманнои шиории зиёди шоирон.

Шуд тамаллуқ аз тааммуқ бештар дар зиндагӣ,
Арзу доди зиндагон рафта зи ёди шоирон.

«Шоир андар синаи миллат чу дил» буд аз азал,
Қарз рафт аз ёду шуд суд эътимоди шоирон.

Шоирӣ – пайғамбарӣ гуфтанду мегӯянд агар,
Нест бовар Дӯстро бар эътиқоди шоирон.

Гар замоне буд маҳви бесаводӣ орзу,
Ор меояд маро гаҳ аз саводи шоирон.

Баски аз дасти шиориён сухан олуда шуд,
Баҳри покии Сухан хоҳам ҷиҳоди шоирон.

## ЧАШМИ ҲАҚ

Панди носеҳ бишнавам ҳар дам:
Шуд замон дигар, дигар одам.
Гар бихоҳам, бошам осуда,
Беҳтар он, ки кӯру кар бошам.

Дар замоне, ки рафоқат кам,
Дар замоне, ки садоқат кам,
Дар замоне, ки муҳаббат кам,
Пас чаро ман кӯру кар бошам?

Дар замоне, ки адоват ҳаст,
Ришваю duздию ғорат ҳаст,
Порахӯр дур аз назорат ҳаст,
Пас чаро ман кӯру кар бошам?

Дар замон вақте хиёнат ҳаст,
Дар забон вақте надомат ҳаст,
Дар баён зикри «адолат ҳаст?»
Пас чаро ман кӯру кар бошам?

Шоиронро чашми ҳақ донанд,
Чун мунодии замон хонанд.
Пас чаро ман кӯру кар бошам,
То куҷо ман кӯру кар бошам?!

## ИЗТИРОБ

Оре, аз гармою тафти офтоб
Пиряххо мешаванд об,
Лек ғамҳои куҳан
Аз фишори қалбҳои сард
Дар дили ман
Тахта-тахта
Пирях гардидаанд.
Офтоб,
Эй офтоб,
Пиряххоро бимон барҷо.
Гарм бинмо қалбҳои сардро,
Пиряхҳои дилам гарданд об.

* * *

Эй гашта азизи дил, дигар «Хайр» магӯ,
Файзи қадамат файзи саҳар, «Хайр» магӯ.

Ман бар ту кушодам дари дилро шодон,
Манмой ғамин, зи пушти дар «Хайр» магӯ.

Дер омадию зуд чаро мегардӣ?
Ту нестӣ абри даргузар, «Хайр» магӯ.

Борони муҳаббати туро хоҳонам,
Бо нам-нами борони саҳар «Хайр» магӯ.

Умр аст мисоли шохборон гузарон,
Эй шохаи арғувони тар, «Хайр» магӯ.

Маъмур, ки аз висоли ту сер нашуд,
Бар гушнаи хеш ин қадар «Хайр» магӯ.

## СЕ КАБӮТАР

Се писар се кабӯтарам буданд,
Се писар балки шаҳпарам буданд.
Осмон паст буд, замин буд нарм,
Се писар то ки дар барам буданд.

Ҳар кадоме бидида парвозӣ,
Ҳар кадоме бидида дар бозӣ.
Бол ман ҳам, ки мебаровардам,
Будам аз бахту қисматам розӣ.

Се писар як ҷаҳони ман буданд,
Ҳам замин, осмони ман буданд.
Ҳам баробар ба қалби ман буданд,
Ҳам баробар ба ҷони ман буданд.

Ногаҳон боли он яке бишкаст,
К-ӯ зи парвоз монду монд аз шаст.
Ман бигаштам баробараш бе бол,
Мурғи бахтам зи кӯи ман барҷаст.

Аз фироқаш кабӯтари дигар,
Кафтари хушхирому бозигар,
Карда парвоз аз пайи ӯ рафт,
Рехт охир ба ғусса болу пар.

Монда бо як кабӯтарам ҳамроз,
Мекунам ман ҳимояташ аз боз!
Ҳамзамон дар фазои ёди ман
Мекунад ду кабӯтарам парвоз.

## ТАВЛИДИ ДИГАР

*Ба ёди Қайсари Аминпур*

Рӯзи марги ӯ дар Эрон
Солгарди умри Мавлонои Балхӣ буд.
Марги ӯ ширин,
Алорағми ҳама шӯрию талхӣ буд.
Марги ӯ тавлиди дигар буд,
Қайсарии умри Қайсар буд.

* * *

Ман сер рӯи модари худро надидаам,
Аз шир беш заҳри фироқаш чашидаам.

Аз абри пора-пора ба ман ҷома дӯхтанд,
То ҷомаҳои беқасаб аз тан кашидаам.

Бар шаст қулла рафтаму шастам нагаштааст,
Эй хуш, ки дар мақоми сухангӯ расидаам.

Ёрон нахондаанд маро хому гумраҳе,
Ҷони сухан ба қимати ҷонам харидаам.

Кайҳоннаворд нестам, аммо ҳазор бор
Бо киштии хаёл ба кайҳон паридаам.

Боми баланду шӯҳрати арзон нахостам,
Шодам ба некномии худ ман ҳамидаам.

## МЕРОС

Ҳар мард
Аз хонаи падар
Бачагии худро меҷӯяд.
Ман бачагиамро
Чун дигарон
Дар хонаи падар намондаам.
Он ягона меросро
Ба моиндар намондам.
Ба шаҳр овардам,
Ва ҳадя ба ворисам кардам.

## АНДЕША

Дар замоне, ки ин Замин – Модар
Пир гаштасту мекашад озор,
Аз фишори ҳарорати гармӣ,
Рӯи сайёра пур бувад бемор,
Кӯлҳо ҳар куҷо агар хушканд,
Рӯдҳо мешаванд чун ҷӯбор,
Пиряххо ҳам об мегарданд,
Мешавад кам дарахти ҷангалзор,
Аз чӣ бошад, шумори дилсардон
Кам нагардида мешавад бисёр?!

* * *

Ту меравию нарав, намегӯям,
Аз ту дили ман рамид, оҳӯям.

Гумкардаи худ биҷӯям аз дунё,
Гум карда туро вале намеҷӯям.

Роҳи дили мо ба ҳам нашуд пайванд,
Он роҳи куҳан дигар намепӯям.

Худ як гуливу ҳазор занбӯрат,
Бӯидагуле зи нав намебӯям.

Ман чун гули ханҷарии якҷоям,
Мисли ту ба ҳар куҷо намерӯям.

Чашмони ту дошт бозии дигар,
Ҳарчанд назар накандӣ аз сӯям.

Ман бе ту чу Зарфишон намехушкам,
Дарёдиламу равон чу Омӯям.

Гарчи ба раҳат намезанам обе,
Роҳи ту сафед бод, мегӯям.

## ДАР ҶАНОЗАИ БАСИР РАСО

То дер шуда ба «Хорпуштак» сарвар,
Худро чу писар ба «Хорпуштак» мехонд.
Бо шӯхиву ҳазл дӯстон механдонд,
Эй кош, ки реҳлаташ бувад ҳазли дигар.

## ҲАМЗОДИ СОЛ

Ман дар зимистон,
Ту дар баҳорон
Ба дунё омадем.
Тобистон ба висол расидем.
Бахти сафед дидем.
Гули боғи муҳаббат бӯидем.
Тирамоҳро дидем,
Киштаҳои умед даравидем.
Самари умр чидем.
Ҳарду баиқболем:
Ду қарн –
Ҳамзоди солем.

## ТӮҲФАИ ПАДАР

*Аз номи фарзанди собиқадори ҶБВ*
*марҳум Бозор Баротов*

Падар аз ҷанги калон,
Ҷанги ҷаҳон омада буд,
Борхалта бар дӯш.
Гарчи дар он
Ба ҷуз аз номаи бинвиштаи мо
Ман надидам чизе,
Кардам аз сидқ оғӯш.
Чунки бо омади ӯ
Хона пур гашту бишуд равшантар.
Падарам Бахт овард.
Тӯҳфае беҳтар аз ин
Ман надидам дигар…

## ШЕЪРҲОИ ТИЛЛОӢ

Рӯдакиро кӣ хонд нобино?
Буд бинотарини биноҳо.
Он чӣ ӯ гуфт, дигаре кай гуфт?
Ҳар чӣ дурр суфт, дигаре кай суфт?
Дар сухан ҷуст сарвати худро,
Кони ганҷе бимонд беҳамто.
Ганҷи ӯ шеърҳои тиллоист,
Ҳамчу шеърaш баҳои тилло нест…

## ЗӮРТАР АЗ МАРГ

Саъдии ҷовид
Айёми тифлию бачагӣ
Бехабар аз марг буд.
Замони наврасию ҷавонӣ
Бехатар аз марг буд.
Вақти пирӣ
Зӯртар аз марг буд.
Пириашро дар замона
Саъдиёна
Чун сухангӯ бурда буд.
Пас магар ӯ мурда буд?!

## КАМТАРИН ШОИРИ ТУ БОШАМ, БАС

Гаҳ ба ҳасрат бигӯиам, ки чаро
Бурда номе зи шоирони зиёд,
Ноқидон дар қатори беҳтарҳо
Номи ту н-оваранд боре ёд?

– Эй, ки номам ту мебарӣ ба забон,
Хонда ҳар шеъри тозаам ба ҳавас,
Эҳтиёҷам ба ноқидон набувад,
Камтарин шоири ту бошам, бас!

## РӮЗҲОИ САФЕДУ СИЁҲ

Аз ҷудоӣ агарки ёд орам,
Мешавад ғуссаи дилам афзун.
Ҳар намии замин бухор бишуд,
Ғами хӯрда зи дил нашуд берун.

Рӯзҳои сафеди ман буданд,
Рӯзҳое, ки бо ту бигзаштанд.
Рӯзҳои дарози танҳоӣ
Рӯзҳои сиёҳи ман гаштанд.

Ҳолиё кӯр карда рӯзу шабон,
Бо сиёҳу сафед мегардам.
Дида ман офтоби гардонро
Дар раҳат боумед мегардам.

Рӯзҳои сиёҳро хоҳам
Бо ту аз ёдҳо бурун орам.
Рӯзҳои сафеди умрамро
Ман ба рӯзи сияҳ нигаҳ дорам.

## ФАРИШТАГОН ВА ОДАМОН

Фариштагон,
Ки дар осмонанд,
Маргро намедонанд.
Хушбахтони осмонанд,
Ҷовидонанд.
Одамон
Тавлид доранд,
Маргро медонанд,
Хушбахтони заминанд?!
Меҳмононанд.
Фариштагон омин кунанд
Одамон гоҳе чун фаришта мешаванд.
Одамон омин кунанд
Фариштагон
Чун одам сиришта мешаванд?!
Одамон ҳам
Дар тифлӣ фаришта
Ё фариштахӯ буданд.
Баъдан
Бо гиреҳҳо чун ришта
Банд-банд
Канда шуданд
Аз фаришта.
Покӣ сифати фариштагон монд…

## ДУХТАРИ СУБҲ

Дидаӣ рӯи хуши духтари субҳ,
Гар надидӣ, ту даро аз дари субҳ.

Чодари шаб бидарад, пора шавад,
Чу намояд назар аз чодари субҳ.

Он қадар ҳусну ҷамоле дорад,
Бикунад шарму равад ахтари субҳ.

Моҳ ҳам шарм зи доғаш дорад,
Дида зебоии ин дилбари субҳ.

Офтоб аз паси ӯ меояд,
Дидани чеҳраи афсунгари субҳ.

Чун арӯсони замон пираҳанаш,
Зебиши он шуда зебу фари субҳ.

Бо чунин ҳусни расояш гӯям,
Офарин бар ту, аё модари субҳ.

Рафт Маъмур ба рӯбинонаш,
Тӯҳфааш шуд ғазали дафтари субҳ…

## ДАР ЁДИ ФАРЗАНДОН

Ахтари танҳо, ки дар рӯи само буд,
Ҳамчу чашми ман ба сӯи Осиё[1] буд.

Ахтар аз гардун дигар истора мекофт,
Чашми ман аз хок ду дилпора мекофт.

Аз шафақ он субҳ гардун лолагун буд,
Косаи чашмам зи ҳасрат пур зи хун буд.

## МАРДИ РОҲ

*Ба ёди Эгами Шукур*

Ронанда ки будӣ, буд роҳи ту дароз,
Бе тарсу ҳарос будӣ аз шебу фароз.
Раҳ монд дарозу умри ту кӯтаҳ шуд,
Паскӯчаи Яккабоғ[2] охирраҳ шуд.

---

[1] Мазористони Саросиёи шаҳри Душанбе
[2] Яккабоғ – деҳаест дар Истаравшан, зодгоҳи гӯянда

## ГУЛҲАВАСИ СУХАН

Аз санъати шеъри ман гузар кун,
Бар ҳусну ҷамоли ман назар кун.
Аз вазни арӯз ҳам ту бигзар,
Бар вазни мани арӯс бингар.

## УМЕД

Аё яктои аз Якто расида,
Ба шоми ман дамида чун сапеда.
Макун ту ноумедам дар ду олам,
Умеди зиндаи ман, эй Умеда.

## МАН НАБУДАМ СОЯПАРВАРДА

Ман набудам сояпарварда,
Дар диёри офтобиам.
Эҳтиёҷе ҳам нашуд бар чатр,
Чатри ахзар буду дил хуррам.

Сояхусбиҳо набуд одат,
Буд Меҳрӣ номи моми ман.
Худ, ки он як меҳрпарвардам,
Шуд ба Хуршед эҳтироми ман.

Обутобе дода тан бо нур,
Ман нагаштам зоти танпарвар.
Ҳар қадар дидам азобу ранҷ,
Боз мондам як Ватанпарвар.

Сояамро гар тарошиданд,
Н-омадам ман бар шигифт аз он.
Нақши худ дар зиндагӣ мондам
Бо шикасти орзӯ, армон.

Соя бар дигар нагаштам ҳеҷ,
Ҳам наҷустам сояи эшон.
Соябонам монда Яздонам,
Офтобаш шуд ба ҷон дармон.

Ман набудам сояпарварда,
Дар диёри офтобиам.
Нахли шеърам, сояафкан шав
Дар мазори офтобиам.

*1977-2010*

# ГУЛЧИН

## МИЛЛАТИ НАЗАРКАРДА

*Руҷӯи Исмоили Сомонӣ*

Тоҷикам! Миллати назаркардам,
Ҳар нафас ҳамраҳат бадар кардам.
Тоҷи шоҳона доштам бар сар,
Ман туро боз тоҷи сар кардам.

Ҷоми Ҷам гар фитод аз дастам,
Ҷом бишкасту аҳд нашкастам.
Ту парешон будӣ дар дунё,
Ҷамъ бинмудаму бипайвастам.

Қасдҳо кард душмани ғаддор,
Муттакоям бигашта ту ҳар бор.
Бар Бухоро шудам чу боруе,
Бораҳоро шудӣ ту подевор.

Гарчи деворҳо бияфтоданд,
Буд роҳи адӯ ҳамоно банд,
Тоҷикам! Қавми ориёии ман,
Нангу ори ту шуд ҳисори баланд.

З-ин сабаб борҳо зафар кардам,
Кишвари хеш бехатар кардам.
Тахти Сомон баланд буду аз он
Эътиборат баландтар кардам.

Халқи ман! Халқи номдори ман,
Вориси умру ному кори ман,
Будам ар ифтихори ту вақте,
Ҳолиё ҳастӣ ифтихори ман.

Бар ту мерос агарки ман мондам,
Хоки поки ҳамин Ватан мондам,
Рӯдакӣ ганҷи шойгонам буд,
Сарвати бебаҳо – Сухан мондам.

Чун ба дардат зиёд шуд дардам,
Худ зи олам ҷавон гузар кардам.
Бар ту хоҳам ҷавонии ҷовид,
Тоҷикам! Миллати назаркардам!

## ДАР ҶАВОБИ КӮТАҲНАЗАРОН

Ба ҷое зумрае чун аз бузургиҳо сухан ронанд,
Ба саҳве миллатамро қавми хурде дар ҷаҳон хонанд.
Маро нанг ояд аз он зоти кӯтаҳбину хурдандеш,
Ки ҳатто Тоҷикистонро диёри кӯчаке донанд.

Агарчи дар қиёси миллати дигар каме ҳастем,
Вале мо одаме ҳастему ҳар як оламе ҳастем.
Ҷаҳон тоҷикро бишнохт бо ному нишони мо,
Барои шони кишвар дар талошу дар ғаме ҳастем.

Замини Тоҷикистон дар назар гарчи фарохо нест,
Валекин дилфарохе мисли тоҷикам ба дунё нест.
Агар тоҷики ман дилтанг мешуд, дар замини танг
Яқин, мегуфт бар қавми дигар: аз баҳри ӯ ҷо нест!

Агарчи Тоҷикистонам диёри кӯҳсорон аст,
Ҳама ҷонсахтии тоҷик алорағми гаронҷон аст.
Саре аз санг агар дорад, надорад ӯ дили сангин,
Хушо, тоҷики ман, дилнарму бо лутфу ба эҳсон аст.

Канораш Тоҷикистон рӯдбори зарфишон дорад,
Қатори рӯдборонаш басе дарёдилон дорад.
Ба ин дарёдилон дарёи кӯҳистон намехушкад,
Чу ҳар кӯҳзода дар дил чашмаи софу равон дорад.

Бувад ин чашмаи дил чашмаи меҳри вуҷуди ӯ,
Ки пайванд аст бо шохобҳо чун тору пуди ӯ.
Агар дарёи кӯҳистон намерезад ба уқёнус,
Бинӯшад аҳли даҳр аз чашмаи шеъру суруди ӯ.

Аз ин рӯ нест ҳаргиз хурду кӯчак халқи волояш,
Бузургии варо бинам зи қалби пиру барнояш.
Набошад Тоҷикистон кишвари хурду назарногир,
Расад то боми дунё қуллаҳои осмонсояш.

## ТАРОНАИ ВАРЗОБ

*Ба ёди устод Мирзо Турсунзода*

Бар гӯш чун таронаи Варзоб мерасад,
Чун шеърҳои пухтаву ҷаззоб мерасад,
Бар ёдам он суханвари бехоб мерасад.

Дар Чорбед хонаи ӯ буд назди руд,
Шабҳо нишаста шоири дил шеър месуруд,
Он хонаи муқаддаси ҳар ташнашеър буд.

Дар назди хона чашмаи шаффоф менамуд,
Он чашма ҳамчу чашмаи шеъраш равона буд,
Мерехт оби поку зулолаш ба ҳалқи руд.

Дар назди хона буд басе нахли борвар,
Ҳамчун дарахти шеър намудор дар назар,
Буд андалеб дар сари ҳар шоха нағмагар.

Имрӯз нест хонаву нахлеву чашмасор,
Аз Чорбед мерасад оҳанги рудбор,
Такрор мекунад ғазалу шеъри ёдгор.

## ЁДГОРИ РӮДАКӢ

*Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чун соли 941-и меледӣ аз олам даргузашт, баъди ҳазор сол – соли 1941 аз диёри ӯ Лоиқ ба дунё омад.*

Эй Лоиқи шеъру сухан, эй ёдгори Рӯдакӣ,
Ту омадӣ бар ин ҷаҳон баъди ҳазори Рӯдакӣ.
Марди зариф афзун бувад дар зодбумат ҳар қадар,
Шуд бо шарифият Шариф[1] он чун мазори Рӯдакӣ.

Ту омадӣ ҳамчун насими тоза бар гулзори шеър,
Бо омади ту тозатар гардид рангу бори шеър.
Бозори шеъру шоирӣ то омадат камҷӯш буд,
Бо шеъри пуртобат зи нав шуд гармтар бозори шеър.

Равшандиле монанди ту кам буд дар рӯи ҷаҳон,
Бо равшаноии дилат мехондӣ асрори ниҳон.
Аз равшаноии дилат бас тирадил буд дар ҳасад,
Ҳам равшаноии дилат шуд рашки моҳу ахтарон.

Марди зиёӣ будиву нуру зиё мепоштӣ,
Фарзанди деҳқон будиву тухми сухан мекоштӣ.
Ҳарчанд бори зиндагӣ як бори сангини ту буд,
Бори гарони шеъри нав бар дӯш мебардоштӣ.

[1] Мазори шариф-зодгоҳи шоир

Бисёр дидам ошиқон, чун ту надидам ошиқе,
Дар ошиқӣ монанди ту дигар надидам содиқе.
Дар шаҳри ишқ афсонаву шеърат бихонанд ошиқон,
Бо орзуе, ки шаванд амсоли ту як лоиқе.

Майли ту гар буд бар шароб, он ҳам шароби ноб буд,
Аз ҷоми Хайём он буду бар дигарон ноёб буд.
Гар майпарастӣ кардаӣ, кай дигаре озурдаӣ?
Ҳар ҷуръаи нӯшидаат бар рафъи дарду тоб буд.

Ҳарчанд буд як ҳуҷраи серошён маъвои ту,
То гӯши мардум мерасид аз ҳуҷра ҳар овои ту.
Дар хонаи чашму дилат чун ҷой кардӣ халқи худ,
Дар хонаи чашму дили пиру ҷавон шуд ҷои ту.

Эй Лоиқи давру замон, эй ёдгори Рӯдакӣ,
Ту омадӣ бар ин ҷаҳон баъди ҳазори Рӯдакӣ.
Бошад, ки баъди ту зи нав як шоире пайдо шавад,
Чун ёдгори Лоиқе, чун посдори Рӯдакӣ.

## ФОХТА

*Аз миёни парандаҳо танҳо фохта, ки ку-кую олучахӯракаш низ гӯянд, лона надошта, тухми худро дар лонаҳои мурғони дигар мемонад.*

Эй фохта,
Мурғи кӯчии белона,
Ку-ку зи чӣ дорӣ,
Аз барои дона?
Гум карда ту ё ки лонаю роҳатро,
Пурсон шавӣ аз шиносу аз бегона?

Эй фохта,
Ку-кут расад бар гӯшам,
Афсӯс, ки безабонию хомӯшам.
Вақте ки ҷавоб бар суолат ҷӯям,
Дар баҳри хаёл аз дарун меҷӯшам.

Эй фохта,
Кӯҳиӣ ва ё саҳроӣ?
Аммо донам, ки будаӣ ҳарҷоӣ.
Мурғони дигар лонаю ҷуфте доранд,
Бе лона барӣ ту умр дар танҳоӣ.

Эй фохта,
Он қадар, ки бепарвоӣ,
Монанди зани сабукпайе бинмоӣ.
Ӯ тифлаки худ ба кӯчаҳо бигзорад,
Ту чӯҷаи худ ба лонаҳо партоӣ.

Эй фохта,
Мурғи кӯчии белона,
Аз меҳру садоқат шудаӣ бегона.
Ҳайфо, ки ту бевафоӣ омӯхтаӣ
Аз булҳаваси беҳавасу бехона.

## СУХАНБОЗОН

Суханбозон!
Суханро хор манмоед,
Ки рӯзе мекунад хори сухан бар қалбатон кора.
Агар хоре халад бар поятон,
Осон шавад берун.
Вале хори сухан қалби шуморо мекунад пора.

Суханбозон!
Шумо қадри суханро паст манмоед,
Ки дорад қимати бисёр.
Агар қадри суханро паст бинмоед,
Шумо беқадр мегардед чун хори сари девор.

Суханбозон!
Суханро пок бигзоред,
Варо олуда манмоед бо ҳарфу ҳиҷои худ.
Сухан чун ханҷари тез аст.
Суханро гар шумо олуда бинмоед,
Рӯзе мешавед аз теғи он нобуд.

Суханбозон!
Хабар доред—
Сухан бори гарон дорад,
Шумо баски сабукмағзу сабукборед,--
Борашро набардоред.
Зеро—
Зӯри беҳуда
Миёнро бишканад осон.

Суханбозон!
Сухан бозӣ набошад.
Агар хоҳед бозие,
чӣ бисёр аст.

Суханбозон!
Суханро бар
суханварҳо гузоред.
Сухан гуфтан,
Гуҳар суфтан
чи душвор аст…

## СУХАНИ НАВ

*Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар.*
***Фаррухӣ***

Ҳарфҳои нагуфта бисёр аст,
Роҳҳои нарафта бисёр аст.
Пас, чаро ҳарфи кӯҳна мегӯӣ?
То ба кай роҳи кӯҳна мепӯӣ?

Қалби шоир мисоли вулқон аст,
Доимо пуршарору сӯзон аст.
Лек қалби ту сарду беҷӯш аст,
Ҳамчунон санги кӯҳ хомӯш аст.

Зиндагонист баҳри бепоён,
Баҳр пуршӯр ҳасту пуртуғён.
Нест шӯре вале ба синаи ту,
Кӯҳнакорист дар сафинаи ту.

Ҳарфҳои нагуфта бисёр аст,
Ганҷҳои нуҳуфта бисёр аст.
Ҳарфҳои нагуфта гӯ, шоир,
Ганҷҳои нуҳуфта ҷӯ, шоир.

Шеърҳои ту мактабӣ бошад,
Ҳар ҳиҷои ту қолабӣ бошад.
Қолаби кӯҳнаро шикан, шоир,
Худ кушо мактаби сухан, шоир!

Кӯҳнагӯӣ ба дил бизад бисёр,
Сухани тозаву таре меор.
Сухани нав ҳарорате дорад,
Он ҳарорат ҳаловате дорад.

## ИРОҚ

Ҳар тир, ки бар қисмати ту меборад,
Пайваста маро асири ғам медорад.
Обе, ки зи Даҷлаву Фуротат хӯрдам,
Аз чашми сару чашми дилам мешорад.

То пой ба хоку остонат мондам,
Тоқии ироқият ба сар гардондам.
Дар нури «Чароғи сеҳрнок»-ат шабҳо,
Сад қисса ман аз «Ҳазору як шаб» хондам .

Эъҷози ту он «Боғи муаллақ» дидам,
Аз боғ на мева, хори ҳасрат чидам.
Ҳар хишти тилоият ба яғмо бурданд,
Дороии хонаат ба савдо бурданд.

Дарвозаи шаҳри Бобулистон во буд,
Ҳар бор барои дӯстдорон во буд.
Афсӯс ба рӯи кинахоҳон шуд боз,
Шуд машғала байни ёру ағёр оғоз.

Бағдод, ки ту шаҳри ибодат будӣ,
Бар шефтагон рамзи муҳаббат будӣ.
Фарёд, ки ту мулки хусумат шудаӣ,
Бо покии худ шаҳиди тӯҳмат шудаӣ.

Вақте ки ба сӯи Карболо мерафтам,
Гӯё ки ба дафъи ҳар бало мерафтам.
Вақте ба Харобаи Мадоин рафтам,
Гардида харобашу ба омин рафтам.

Афсӯс харобаҳои ту афзун шуд,
Сад Даҷлаи ту равон зи ашку хун шуд.
Аз дидану бишнидани ҳоли зорат
Ҳар дидаву бишнида басе маҳзун шуд.

Ҳар тир, ки бар қисмати ту меборад,
Пайваста маро асири ғам медорад.
Обе, ки зи Даҷлаву Фуротат хӯрдам,
Аз чашми сару чашми дилам мешорад.

*2006*

## ШЕЪРИ САФЕДИ ХУНИ САФЕД

*Дар повараќи «Ҳашт китоб»-и*
*Сӯҳроби Сипеҳрӣ.*

Сӯҳроб, ки шоири замон шуд,
Дар кишвари шеър бонишон шуд.

Аз шир сафедие ба ҷон монд,
Дар шеъри сафед хушбаён шуд.

Дил баста ба ҳар ҳиҷои Бедил,
Тасвиргарои нуктадон шуд.

Суратгари хушқалам ба даврон
Дар сурати шеър хуш аён шуд.

Пайванди Сипеҳр буду алҳақ
Ҳам шоири хоси мардумон шуд.

Хун карда сафед бо ғами шеър,
Худ аз саратони хун хазон шуд.

Парвоз намуда мурғи табъаш
Бо абри сафед парфишон шуд.

Чун ахтари шеъри нав дурахшид,
Бо давраи ахтарон қирон шуд.

Бар хоки сияҳ агар танаш рафт,
Бо шеъри сафед ҷовидон шуд.

## СОАТИ ПАДАР

Падарам буд марди бесоат,
Соаташ офтоби гардон буд.
Мерасид ӯ ба қадру қимати Вақт
Зиндагидӯст буду деҳқон буд.

Марди дилгарм буду чеҳракушод,
Балки худ офтоби манзил буд.
Чашм агар буд равшан аз рӯяш,
Нурполо зи меҳри ӯ дил буд.

Соаташ гар бимонад аз гардиш,
Менамуд аз дигар варо гардон.
Соаташ гаҳ ба гашти ӯ мегашт,
Ҳар ду буданд доимо гардон…

Як саҳаргоҳ соаташ гум шуд
Пушти кӯҳу бигашт пурандӯҳ.
Дар ғами соати тилоияш
Худ бишуд офтоб дар сари кӯҳ.

Дар ғурубе зи кӯҳи умр афтод,
Рӯзи поиз пушта ҷояш шуд.
Рӯи хокаш ба суръати дигар
Гардиши соати тилояш буд.

## ГӮРИ КИТОБ

**1**

Китобе, ки дар гӯр монд, эй падар,
Ба амру ба фармони шахси дигар,
Ба тифлӣ агар рафт аз ёди ман,
Кунун барнагардад ба сад доди ман.

**2**

Агарчанд бигзашт соли зиёд,
Нарафт, эй падар, ғуссаи ту зиёд.
Ту як деҳқон будию бесавод,
Вале доштӣ бар китоб эътиқод.
Набудӣ ту аз ибтидо гӯркоб,
Зи ночорие кандӣ гӯри китоб.
Нахонданд номи китобу ҳамон,
Бигуфтанд: Динӣ бувад, бегумон.
Китоби қадимӣ зиён оварад,
Зиёне ба пиру ҷавон оварад.
Бигуфтанд: Беҳтар, ки оташ занем,
Ту гуфтӣ: Убол аст, гӯраш кунем.

Ту пас марқаде кофтӣ, эй падар,
Ки дар он китобе наёбад зарар.
Ниҳоданд бар гӯр вақте китоб,
Ниҳон ашки худ доштӣ бо азоб.
Кашиданд чун хок рӯи китоб,
Ба рафтан накардӣ ту он дам шитоб.
Дуо хонда ногаҳ бикардӣ сукут ,
Надонам муроди дили ту чӣ буд?
Фақат гуфтӣ он рӯз: «Кардам гуно,
Бубахшо, гуноҳи маро, эй Худо».

**3**

Чу гаштам калон, баҳри ман шуд аён,
Гуноҳи ту буда гуноҳи замон.
Гуноҳи ту буда гуноҳи касон,
Гуноҳи ту буда гуноҳи калон.
Кунун, ки замона дигар гаштааст,
Гуноҳи ту бори писар гаштааст.
Гуноҳи туро то ки камтар кунам,
Шабам рӯз дар рӯи дафтар кунам.
Ба уммеди он, ки нависам китоб,
Харам то гуноҳи туро бо савоб.

## 4

Агар гӯри ту ёфтам беазоб,
Вале бенишон аст гӯри китоб.
Равам бар сари гӯри ту, бо сукут
Ба гӯри китоб оварам ман суҷуд.

## ОСИЁБОН

Марди осие набуду осиёбон шуд,
Рӯзу шаб бо осиёби кӯҳна гардон шуд.

Мо напурсидем боре ӯ кучҷоӣ буд,
Осмоние набуду осиёӣ буд.

Баски пои ланги ӯ дар ҷисми ӯ буд бор,
Марди пайкоре набуду буд марди кор.

Ӯ ба пои ланг дар хидмат намелангид,
Бар алайҳи гушнагӣ якпоя меҷангид.

Гар касе бар осиёбаш халта меовард,
Халтаи чашмони бехобаш ниҳон мекард.

Буд рӯзу шаб чароғи осиё сӯзон,
Рӯзу шабҳо буд санги осиё гардон.

Ҳар кӣ меовард боре, безиён мебурд,
Осиёбон гардҳои осиё мехӯрд.

Ҳар гаҳе дар оби ҷӯ ӯ гарди рӯ мешуст,
Гарди ғам аз рӯи пургардаш фурӯ мешуст.

Чанд рӯзе хони мардум рӯи нон медид,
Чанд рӯзе аҳли деҳро шодмон медид…

Як замон дар водию деҳ хушксолӣ шуд,
Осиё бе об монду дӯл холӣ шуд.

Монд санги осиёби кӯҳна аз гардиш,
Осиёбон монд сар аз ғусса бар болиш.

Зиндагӣ бар зиндагони деҳ гарон омад,
Гушнагӣ чун даҳшати ҷанги ҷаҳон омад.

Чун шумори одамон ҳар рӯз кам мешуд,
Ҳамчу мотамдорҳо ӯ пуралам мешуд.

Осиёбон ҷои нон ғамҳои мардум хӯрд,
Охир ин дарду алам ӯро зи олам бурд…

Гарчи аз нав гашт санги осиё гардон,
Ҳамчу қурси офтоби босахо гардон,

Мекунад гардиш ба дигар шеваю созе,
Мебарорад ҳар замон чун навҳа овозе.

*1993*

## ДАСТАСОЗ

Дастасозе табар бизад бар шох,
Дами он зад ба устухони ман.
Шоха чун аз тани дарахт афтод,
Даст гӯӣ ҷудо бишуд аз тан.

Рӯи он шоха булбулонро ман
Дӯш масту таронахон дидам.
Рӯи он шохаи шукуфтаи сабз
Лона аз баҳри булбулон дидам.

Инак он шохи тар бишуд тарбур,
Бурд шодон ба хона устокор.
Гуфт: Аз он даста метарошам ман,
Мебарам бар фурӯш бар бозор.

Дар нигоҳам дарахти якшоха
Менамояд чу марди якдаста.
Эй мабодо, ки бар дигар табаре
Бишавад шохаи дигар даста.

## СЕ ЧАРХ

Модарам
Бо чархи чӯбӣ
Калоба мерасид.
Чарх давр мезад,
Калоба калонтар мешуд.
Агар нӯки риштаи калоба меканд,
Зуд пайваст мекард,
Ва чарх боз давр мезад.
Модарам калобареси моҳир буд.
Бо чархи чӯбӣ
Чархи зиндагии хонадонро мегардонд.

Имрӯз ман –
Бо чархи шоирии худ
Калобаи Сухан мересам.
Аммо бо чархи худ
Чархи зиндагиямро наметавонам гардонд.

Модарам шоиртар буд.

## ДУ МАНЗАРА

Осмон он субҳ,
Субҳи нахустини дай,
Бо элаки симини худ
Орд мебехт.
Орди ӯ
Зарра-зарра,
Реза-реза
Бар замин –
Бар суфраи густарда мерехт.

Модарам ин лаҳзаҳо
Дар танӯри ҳавлӣ
Нон мепухт
Аз орди сафед.

Модарам бо сабади нон
Вориди хона шуд,
Гарди орду
Орди осмон
Рӯи мӯҳояш нишаста буд…

# РУБОИЁТ

**Идомаи «Чорзарб»**

На дар Қаратоғ истироҳат кардам,
Монандаи дигарон фароғат кардам,
Чун зиндагӣ аз дарду ғам озод накард,
Бо зиндагиам нишаста сӯҳбат кардам.

Дарёи ҳаёт доимо пуроб аст,
Ҳар мард шиновар аст, нусратёб аст.
Аз мавҷ биёмӯз тариқи ҳастӣ,
«Саргардонӣ насибаи гирдоб аст»[1].

Бе субҳи рухат рӯз нагардад шаби ман,
Бе шираи бӯса талх кому лаби ман.
Ту дарси ҷудоӣ аз кӣ омӯхтаӣ?
Ту дарси висол гир аз мактаби ман.

Гӯянд ки – Лоиқи сухан майзада буд,
Дидем басе ҷоми паёпай зада буд.
- Ӯ май зи фишори зиндагӣ менӯшид,
Беҳудаву бесуд куҷо, кай зада буд?!

[1] [1]Мисраъ аз Бедил

Хоки Ватанам агарчи шоирхез аст,
Бозори суханварӣ на гарму тез аст.
Парҳезии ман зи талху шӯрӣ бошад,
Аз шираи шеър иддае парҳез аст.

Дар шаҳри карон мабод, то кар бошам,
Чун пилтабагӯш як суханвар бошам,
Гар дил нашавам ба синаи миллати худ,
Гӯши шунавои аҳли кишвар бошам.

Як зумра, ки айнаки тилоӣ доранд,
Некӯ нигарӣ, чашми гадоӣ доранд,
Бедавлатакон шуданд чун давлатдор,
Аз давлати ришва худнамоӣ доранд.

Эй руди равон[1], равона бинам доим,
Ҳар ҷӯши ту шоирона бинам доим.
Монандаи Мирзои дарёдили худ,
Дар лаб ғазалу тарона бинам доим.

[1] Руди Қаратоғ

Бар дарди дилам шеъри давоӣ гуфтам,
Гоҳе ғазалу гаҳе рубоӣ гуфтам.
Чанде хӯрда обу ҳавои Қаратоғ,
Гуфтам сухани тар, на ҳавоӣ гуфтам.

Бар хоб шабона модарандар омад,
Чун деви сиёҳ мушт бар сар омад.
Кам буд, ки додари маро кушт ба мушт?
Бедор шудам, садои тундар омад.

Эй дилбари меҳрубони ман, меҳрангез,
Ангезаи меҳри ту набошад бечиз.
Ок қадр азизӣ ту, ки то баргаштад,
Ҷорӯб ба погаҳ назадам ман ҳаргиз.

Як ҷуфти муносибед имрӯз шумо,
Аз ҳам нашавед дур чун соҳилҳо.
Пайванд чу Сурхоб ба Хингоб шавед,
Чун Вахш равон шавед бо як маҷро.

Эй кафтаракони донаю лоначудо,
Хешони қарибеду чу бегона чудо.
Дар хонаи охират чудо бигзоранд,
Ҳамхона ба ҳам шавед, на хоначудо.

Гуфтӣ, ки туро чӣ ғам зи май хӯрдани ман,
Ҳам бо кӣ кучо хӯрдану кай бурдани ман?
- Эй дӯст, агар пештар аз ман биравӣ,
Нолон кӣ шавад мисли ту аз мурдани ман?!

То чанд ба рангу бор дил бирбоӣ,
Ин ҳусни худододаи худ олоӣ.
Худ Моҳ наӣ, пас аз чӣ монандаи он
Ҳар гоҳ ба шакли дигаре бинмоӣ?

Ёро, боис ба фахру нозам бошӣ,
Шоистаи ҳар навою созам бошӣ.
Аз кӯтаҳии рӯзу шабон боке нест,
Худ воситаи умри дарозам бошӣ.

Имрӯз, ки як суханвари айёмам,
Бо оташи дил пухта кунам ҳар хомам.
То ки ба диле бубахшам орому қарор,
Дар баҳри сухан чу мавҷи ноором.

Ҳарчанд, ки ном дорам, унвон дорам,
Дар кохи сухан ҷо чу сухандон дорам,
Аммо зи ҳама баланд ному унвон
Тоҷики баному Тоҷикистон дорам.

Дил, ғусса махӯр, ки бори ту афзун шуд,
Пуркорию боз кори ту афзун шуд.
Ёрон ба миёни раҳ намонанд туро,
Ҷон, шод бишав, ки ёри ту афзун шуд.

Раҳ пеш гирифта ҷониби олами шеър,
Кардем тавофи чашмаи замзами шеър.
Бар сайри гулистону чаманҳо рафтем,
Хӯрдем ба рафъи ташнагӣ шабнами шеър.

Султони Сафар драмнависӣ мекард,
Бар саҳна зиёда чеҳраҳо меовард.
Бикшода ба зиндагӣ ду чашми дигарон,
Бо дидаи хирабин бирафт ӯ бо дард.

Дорад пире азоби санги гурда,
Ҳоле дорад ба сони ранги гурда.
Чун марди багурда ғолиби майдон буд,
Мағлуб шавад кунун ба чанги гурда.

Дурию мани ошиқи зорат мурдам,
Аз дарди ҷудоии канорат мурдам.
Дар роҳи ту кӯки дидаам канда бишуд,
«Боз о, боз о, к-аз интизорат мурдам».[1]

Дар шаҳри висол ошиқон хушбахтанд,
Шаҳбаччаю синҳори замон дар тахтанд.
Дар шаҳри фироқ мондаам бе дилбар,
Ҳар рӯзи ҷудоӣ аз бароям сахтанд.

[1] Мисраъ из Ҳофиз

Эй марди шикорӣ, аз шикор омадаӣ,
Шодӣ, ки ба сайди бобарор омадаӣ
Рӯзе, ки аҷал баҳри шикорат ояд,
Гуфтан натавонӣ: «Ба чӣ кор омадаӣ?».

Рӯзе мирам, бимон, ки зебо мирам,
Дар боғи гуле, ҳазорово мирам.
Дар боғи дигар агарки ҷоям надиҳанд,
Дар домани Яккабоғи[1] якто мирам.

Дар қитъа чӣ моҷарост, ӯ бохабар аст,
Аз чуниву аз чарост ӯ бохабар аст.
Аз вазъи ҷаҳон агар хабардор бувад,
Аз хона, ки ғамсарост, ӯ бохабар аст?!

Устод Раҷаб Амонии фарзона,
Бас дурри сухан бисуфту шуд дурдона.
Дар кишвари афсона, ки мезист мудом,
Худ гашт ба кору номи нек афсона.

[1] Зодгоҳи шоир.

Рафтӣ писару бар сари мо ёдат монд,
Доғат ба дилу ба гӯш фарёдат монд.
Гар дасти аҷал шикаст шохи умрат
Бар мо чу нишона боғи ободат монд.

Модар, ки забонхону забондон будӣ,
Чун наҷми само ба дида тобон будӣ.
Будӣ ту агар азизи шогирдонат,
Баҳри писарон баробари ҷон будӣ.

Бо айнаки пуррабини худ хонда китоб,
Ту сакта биҷӯиву кунӣ сакта ҳисоб.
Аз ҷустани сакта, ҳон, шавӣ сактаи дил,
«Ҳар мисраъи мавҷ сакта дорад зи ҳубоб»[1]

Ҳар хок, ки киштае надорад, гӯр аст,
Ҳар об, ки ташналаб надорад, шӯр аст.
Ҳар дил, ки муҳаббате надорад, санг аст,
«Ҳар дида, ки ибрате нагирад кӯр аст»[2]

---

[1] Аз Бедил.
[2] Аз Бедил.

Дар пуштаву кӯҳ, ки барфи нав меборад,
Пайғом зи айёми дигар меорад.
Гар мансабие равад зи ҷои гармаш,
Борони ғам аз ду чашми ӯ мешорад.

Пойизу шуданд баргҳо тиллоӣ,
Хоҳам, ки шаванд даркҳо тиллоӣ.
Онгуна кунем зиндагиро рангин,
Фардо гӯянд: «Маргҳо тиллоӣ».

Аз об паришаве баромад ногоҳ,
Гардид равона сӯи ӯ мавҷи нигоҳ.
Аз мавҷи нигаҳ чашм агар қатра гирифт,
Бар об назар фитоду бикшидам оҳ.

Гар ришвахӯре дар айни боӣ дидам,
З-ойинаи вақт дунамоӣ дидам:
Дирӯз ба халтаҳои пурзар мегашт,
Имрӯз ба халтаи гадоӣ дидам.

Афсӯс, туро шуд амали бад пеша,
Ҳар сабзаву гул ҳамеканӣ аз реша.
То ки назанӣ ба решаи худ теша,
Сарсабз намо буттагули андеша.

Дилбанди азизу меҳрубони ширин,
З-оташкушӣ ёфтӣ ту нони ширин.
Як ҷони азизи хеш кардӣ қурбон,
Андар бадали ҳазор ҷони ширин.

Дар ҷустани кор коргар сарсон шуд,
Аз хонанишиниаш дилаш нолон шуд.
Берун рафт ӯ, то нафаси тоза кашад,
Аз таънаи баднафас нафасгардон шуд.

Гӯянд: «Раванда, мисли дарё бошад,
Истода ба ҷо, ба сони бурё бошад»
Аз рафтану истодан агар суде нест,
З-ин умри гузар чӣ нақш барҷо бошад?!

Дил ойина буду орӣ буд аз зангор,
Шуд шуста ба ашки дидагон гарду ғубор.
То чирк ниҳон ба зери нохун нашавад,
Ман нохуни хешро гирифтам ҳар бор.

Эй дӯст, бигӯ, ки аз чӣ озурда туӣ?
Монандаи гул будию пажмурда туӣ?
Гӯӣ, ки : «дилам мурда, нафас афсурда»,
Чун зинда туӣ, гар ба дили мурда туӣ?!

Рафтам чу давоҷӯй ба бозори гиёҳ,
Буданд чу ман басе харидори гиёҳ.
Ман меҳргияҳ, ки ҷустуҷӯ мекардам,
Доданд аҷалгиёҳ чун ёри гиёҳ.

То дар вараҚи вақт бимонад номат,
Эй дӯст, ба сӯзу соз паз ҳар хомат.
Хоҳӣ, ки абад талх набошад комат,
Ширин бинамо ҳаёт бо иқдомат.

Ношир шуда мо ранҷу ҳаловат бурдем,
Бар нашр китоби нав ба нав биспурдем.
Аз пухта, ки хомҳо фузунтар буданд,
Гаҳ баҳри нахӯд оби ҳавзе хӯрдем.

Хондӣ, ки зи гӯшт оҳу шуд парҳезӣ,
Аз баҳри шикори он саҳар мехезӣ.
Бар мурдаи ҷонваре агар резам ашк,
Бо мурдани оҳуе ту май мерезӣ.

Гӯянд, ки тӯю маърака шуд танзим
Бар шоҳу арӯс «Чайка» шуд нолозим.
Тайёра барояшон муҳайё созед,
Ҳам ҳадя кунед тилифони бе сим.

Он дил, ки гудоза асту гармӣ дорад,
Бо сӯзу гудоз боз нармӣ дорад,
Бо ҷӯшу хурӯш мебарорад овоз,
Танҳо Зафари Нозими Ғармӣ дорад.

Онон, ки зи нодории худ меноланд,
Аммо на зи ночории худ меноланд,
Аз моли ҷаҳон, ки чашмашон сер нашуд,
Дар хобию бедории худ меноланд.

Гӯянд, ки шоирон ҳама дороянд,
Чун Ҳотами Той дасту дил бикшоянд.
Гӯед, сухан «гавҳари ҳастӣ» бошад,
Пас аҳли сухан чаро гадо бинмоянд?!

Имрӯз, ки зиндагӣ ба дунё дорам,
Ман ҳам зи канори он ба худ ҷо дорам.
Кафлесак агар шино кунад дар кулмак,
Худ моҳияму шино ба дарё дорам.

Ҳар ҷо зи ҳалолу пок қилесту қол:
Камёб шуда рӯи замин оби зулол.
Дастони ҳалолу пок ҷустам бисёр,
Сад дасти ҳаром буду як дасти ҳалол.

Дар соҳили хеш дида ду санги гарон,
То ҳол Зарафшон бикунад шӯру фиғон.
Гар санги мазор аст нишони Туғрал,
Санги дигар аз қотили ӯ монда нишон.

Бар кӯчаю бозор нигар, рекломест,
Бар ҳар хасу хори хушку тар рекломест.
Чун нархи гарон гаронӣ овард ба сар,
Одам бишуд афгор, дигар рекломест.

Тилло нахарида дӯст ҷустам ҳар ҷо,
Буд қимати дӯст аз бароям боло.
Аммо чӣ аҷаб, ки пештар аз тилло
Занге ба дилам бимонд аз дӯстнамо.

Хуршед, ки умри ҷовидонӣ дорад,
Бингар, дар уфуқ чӣ заъфаронӣ дорад.
Аз рӯзи гузаштааш бихӯрдаст афсӯс,
З-ин рӯ дилу чашми хунчаконе дорад.

Ҳарчанд ки бо сояи ман кардӣ ҷанг,
Дар дил набувад вале ғубореву занг.
Бад кардӣ агар, варо навиштам дар рег,
Некии туро навишта кардам дар санг.

То дил ба тапиданасту то ҷон ба рамақ,
Некӣ бикунему монад он рӯи варақ.
Эй дӯст, бигир дасти ҳар афтода,
Аз Рӯдакию мактаби ӯ гир сабақ.

Чун шоир агар ба халқ манзур шудам,
Маъмурписар буда, ки машҳур шудам.
Як лаҳза зи халқи худ наҷустам дурӣ,
Худ монда халаф, зи нохалаф дур шудам.

Шоир шуда сарнавишти худ бинвиштам,
Гуфто дилу дар навишти худ бинвиштам.
Фарзанди Ватан мондаму ман номи варо
Бо меҳр ба ҳар навишти худ бинвиштам.

Ҳар кас, ки зи умри худ нишон мемонад,
Ӯ зинда ба даҳр ҷовидон мемонад.
З-ин рӯй ба гуфтае надорам бовар:
– Кас пир шавад, марг ҷавон мемонад.

Ҳарчанд, ки шеъри бахт хондам чандон,
Як шоири хушбахт надидам ба ҷаҳон.
Бал Рӯдакӣ - он суханвари оламгир
Аз пирии худ дошт шикоят ба замон.

Имрӯз ҳама Имоми Аъзам гӯяд,
Аз мактаби ӯ роҳи тариқат ҷӯяд.
Хоҳам, ба Эмом рӯй орем пасон,
Ҳар пайрави ӯ роҳи ҳақиқат пӯяд.

Шуд қаҳри нигор дарди дидор ба ман,
Ё чашми баде расид ин бор ба ман.
Дорам талаб аз ту, эй Худои якто,
Он ёри ягонаро нигаҳ дор ба ман.

Эй шӯхи сабукпой, сабук по монӣ,
Бо каҷравиатростравӣ кай донӣ?
Имрӯз, ки қимати ту сад сомонист,
Фардо шавӣ беқурб чу як сомонӣ.

Гӯянд, ки хоби дида гӯем ба об,
Аз об чу таъбир биҷӯем ҷавоб.
Эй чашмаи пок, ёри кӯҳистонӣ,
Хобам ба ту гӯям, ки надорӣ гирдоб.

Боғу чаманам ту, Яккабоғам, бошӣ,
Зеби суханам ту, Яккабоғам, бошӣ.
Дунёи кушод дидаму гуфтам боз
Ҳусни Ватанам ту, Яккабоғам, бошӣ.

Ҳарчанд, ки ном Тоҷикистон монданд,
Аз Боми ҷаҳон боми ниҳон пӯшонданд.
Аз чашми ҷаҳон намонд тоҷик пинҳон,
Бар тахти баланди Созмон биншонданд.

Гӯянд: бас аст, мо бузургон дорем,
Мероси гарон, дафтару девон дорем.
Сарномаи ту кӣ менависад имрӯз,
Гар қадри суханвари нав арзон дорем.

Бо хеш, ки дилномаи Соиб дорам,
Як оқилу фарзона мусоҳиб дорам.
Шаб сарду аҷаб сӯҳбати ӯ тасфон аст,
Устоди ғазалҳои кавокиб дорам.

Шеърам, самари нахли каломам бошӣ,
Худ пухтагари ҳосили хомам бошӣ.
Ҳар зинаи ту, ки зинабоғи ман шуд,
Беҳин асаре зи субҳу шомам бошӣ.

То нимараҳи ҳаётро тай кардам,
Се мавсими умри хешро дай кардам.
Наспарда раҳам ба нақши пои дигарон,
Бар роҳравон ҳар қадамам пай кардам.

Ҳар силсилакӯҳ қуллабандӣ дорад,
Кӯҳсор ба қулла сарбаландӣ дорад.
Эй озими кӯҳ, чӣ тарсӣ аз шебу фароз,
Ҳар қуллакушой арҷмандӣ дорад.

Бар пуштаи кӯҳ сел бо шаст омад,
Бигрифта ғизолбачча то паст омад.
Гум карда ғизол ширмасти худро,
То соҳили рӯдбори хунмаст омад.

Бо рези хазон рези дигар сар кардам,
Ҳар барги сухан даруни дафтар кардам.
То ин ки дарахти шеър монад сарсабз,
Бо чашмаи дил[1] решаи он тар кардам.

Эй шоири шеърҳои олӣ, Лоиқ,
Ҷои ту миёни халқ холӣ, Лоиқ.
Дар олами шеър рӯи достон будӣ,
Дар олами меҳр безаволӣ, Лоиқ.

---

[1] Ҷомӣ гӯяд: «Шеър обест зи сарчашмаи дил».

Он рӯз, ки дар «Адиб» ношир будам,
Бар дафтари дарди ту муҳаррир будам.
Фарёди дилат вале накардам таҳрир,
Фарёдраси ҳозиру нозир будам.

Бо кинаварӣ ба хешу ҳам бегона,
Дар шаҳри пуродам шудаӣ афсона.
Маҳзун нашавӣ ту аз дили нопокат,
Маъюс шавӣ зи вируси роёна.

Ман, ки чу гули ханҷариам, эй гулбон,
Дар боғи Ватан маро баҳор асту хазон.
То ки нашавам ҷои дигар нороҳат,
Аз хоки Ватан маро макун ҷогардон.

Як гул ту будию сад харидорат буд,
Айёми баҳор гарм бозорат буд.
Гар гулҳавасон ошиқи бӯят буданд,
Як ошиқи дилдода вафодорат буд.

Эй мом, бимонд ёдгорат писарат,
Бар ҷои ту бод медарояд зи дарат.
Ҳарчанд набуд хиштрезӣ ҳунарат,
Рафтӣ сари хишту хишт шуд зери сарат.

Дар пояи олуча бувад гӯри писар,
Дар сояи олуча бувад гӯри писар.
Мехост дилам, ки худ шавад сояи ман,
Ҳамсояи олуча бувад гӯри писар.

Эй шоири халқ, эй табиби даврон,
Имрӯз Сухан ҳамекашад дарди гарон.
Мекӯш, ки он намираду монад амон,
Ёбад зи каломи доругиат дармон.

Айнии замонро чу даҳо мехондӣ,
Гулдаста ба пои ҳайкалаш мемондӣ.
Имрӯз бидидамат, ки санги таҳқир
Бар ҷониби ӯ дудаста меғуррондӣ.

Эй оби равон, умри гарон мегузарад,
Ту ҷорию одам зи ҷаҳон мегузарад.
Пирях агар умри дарозе дорад,
Одам зи ҷаҳон боз ҷавон мегузарад.

Эй ишқи дилам, ки бо ту ҳастам ҳамтан,
Бе ман ту наметавонию бе ту ман.
Мирӣ ту агар, намегузорам танҳо,
Гӯям ба кафандӯз, ки дӯзад ду кафан.

Эй бод, садои Ошноям меор,
Аз тоқи сурайё ба сароям меор.
То чанд давом мекунад дурии мо,
Пайкеву паём аз ӯ бароям меор.

Эй Дӯст, чӣ бахте, ки Сухан овардӣ,
Илҳом бидодию суханвар кардӣ.
Гар мансаби олие надодӣ ба замон,
Аммо ба паямбарон баробар кардӣ.

Қозӣ, ту ба Мансур чӣ тӯҳмат кардӣ?
Ӯ содиқи Дӯст буд, мазаммат кардӣ.
Мегуфт, ки: «Дӯст ҳақ», ту «Ман ҳақ» хондӣ,
Бо ҳукми баровардa хиёнат кардӣ.

Чун мову туем зери як боми баланд,
Бояст кунем шукри инъоми баланд.
Кӯшем, ки номи мо ба пастӣ набаранд,
Дар боми баланд монда бо номи баланд.

Аз барқи ду чашми ту агар мирам, ҳон,
Аз оташи хашми ту агар мирам, дон,
Бо хандаи зебои ту ман зинда шавам,
Бо нозу адоҳои ту ман зинда шавам.

Бин, навқадаму навсафар устод шудаст,
То Бесутун ӯ нарафта Фарҳод шудаст.
Аз ёд набурдааст лек устодаш,
Аз ҷумлаи шогирдаки ӯ ёд шудаст.

Эй, ки талаби дилам ту ҳастӣ, ҳастам,
Субҳе ба шаби дилам ту ҳастӣ, ҳастам.
Ду «Мунтахабот»-и ман чӣ арзиш дорад,
То мунтахаби дилам ту ҳастӣ, ҳастам.

Эй ёри куҳан, ки мекунам ёди ту ман,
Хондам ба алам дафтари эҷоди ту ман.
Пиндоштам аз ёди ту рафтам кайҳо,
Гуфтӣ, ки шудам китоби азёди ту ман.

Пазмон бишудам чу нағмаю сози туро,
Чун рози худам бихонда ҳар рози туро.
Фарёд задам, кӯҳ набурд овозам,
Бошад, шунавам зи бод овози туро.

Хонӣ чу «Фалак», шефтаи сози туям,
Як мухлиси дилбастаи эъҷози туям.
Гардида зиёд «ахтар»-и сарду хира,
Одина[1], саро, ки ман ҳамовози туям.

[1] Одина Ҳошим.

Шоирхасакон, ки дони пуч мекоранд,
Аз хирмани коҳ кох мебардоранд.
Кам гашта шумори шоирони ҳамдард,
«Маддоҳи ғурур шоирон бисёранд».[1]

Ёди рухи ту агар фаровард табам,
Бо ёди танат сафед шуд тирашабам.
Он субҳ, ки бе ту лаби дарё будам,
Бо ёди лаби ту гул баровард лабам.

Ман дев набуда девкорӣ кардам,
Ҳам фил набуда филдорӣ кардам.
Чун аспи савориам давонданд зиёд,
Одам будам, ки бурдборӣ кардам.

Як ҳуҷра ба пири нотавоне доданд,
Гӯё ки барояш осмоне доданд.
Бар ҷумла баландпоягон аз пастӣ,
Бар ӯ зи баландӣ ошёне доданд.

[1] Аз Мирзо Бедил.

# ТАРҶУМА

## *МАХДУМҚУЛӢ*

### ҚИССАИ ЮСУФ

Аз китоби қадимаи мардум,
Ки «Ҳаёти паямбарон» ном аст.
Гашт мақбул қиссаи Юсуф
Чун асал ширин аз он ком аст.

Сабру тамкину ранчҳои ӯ
Бахри мо ҳамчу ҳикмату панд аст.
Буд Яъқуб ном мард ба даҳр,
К-аз Ялавунч ҷадди ӯ чанд аст.

Дошт шаш зан, дувоздаҳ фарзанд,
Дид бадбахтии фузун зи Худо.
Он қадар ӯ гирист аз бахташ,
Ки намуд офаранда нобино.

Писараш дар кучо? Намедонад,
Шуд зи дасти бародарон дар чоҳ.
Заррае аз Худо наметарсанд
Шемгуну Рубил – бародарҳо.

Гург оварда додарон гуфтанд:
«Гашт Юсуф тӯъмаи ҳайвон».
Кард Яъқуб лобаву нола,
Гург омад зи нолааш ба забон.

Гуфт Яъқуб: «Деҳ хабар зи писар,
Рӯзи саввум шуд, ки мекобам».
Гург гуфто, ки: «Зинда Юсуф аст»,
Шуд падар з-ин паёми ӯ хуррам.

Буд Юсуф вале ба ҳоли табоҳ,
Чоҳ буд тангу тор ҳамчун гӯр.
Ҷабраил бар замин фуруд омад,
Раҳмаш омад ба ҳоли он маҳҷур.

Ҷабраил меҳрубон ба Юсуф шуд,
Кард ранҷи асириаш камтар.
Се шабонрӯз пеши пои ӯ
Ёздаҳ шамъ буд нурофар.

Корвоне зи Миср рафта ба Шом,
Ду ғуломе равон ба об шуданд.
Чун чалак қаъри чоҳ шуд наздик,
Хеш Юсуф даруни он афканд.

Баъди як лаҳза ӯ бурун омад,
Ҳамчу моҳе зи гӯри тираву тор.
Баҳри ин лутфу меҳрубониҳо
Аз Худо ӯ бигашт миннатдор.

Бегҳо, бингаред бар Юсуф,
Ки чӣ рафтор одамон карданд.
Нури чашмони волидонаш буд,
Тоҷирон ғуссаш гарон карданд.

«Ман ғуломи ҳақир» – Юсуф гуфт,
Чун асир ӯ бирафт аз Канъон.
Ҳажда танга баҳои ӯ карданд,
Кард Молик қиматаш арзон.

Дар сари Мисру сари Канъон
Буд Риён ҳокиму Вазир тарсон.
Бар Риён он замон Зулайхо буд
Дар ҳама кору ҳар амал султон.

Гарчи гуфтӣ баробари қаддаш
Ҳар қадар танга резӣ, кам бошад.
Лек шаҳ он ғуломро бихарид,
Гуфт аз ӯ лаъл мӯҳтарам бошад.

Шоҳ шишта ба тахти тиллоӣ,
Буд Юсуф ғулом дар майдон.
Бар Зулайхо бикард инъомаш,
Шоҳ ӯро миёни пиру ҷавон.

Чун Зулайхо бидид, шуд ларзон,
Ҷой бар таҳхона кард ӯро.
Шаш канизе нишонд дар наздаш,
Бар занон лек буд бепарво.

Карда бӯҳтону тӯҳмате занҳо
«Домани мо даронд ӯ», – гуфтанд.
Пой дар занҷири фӯлодӣ
Зиндагӣ кард боз Юсуф чанд.

Ӯ ба зиндони танг мехобид,
Подшаҳ дид аҷиб хоберо.
Лек ахтаршинос натвонист,
Во кунад асрори ин рӯъё.

Ёфт Юсуф ба хоби ӯ таъбир,
Шоҳу ӯ буданд дар занҷир.
Дида якҷо Риён ба тарс афтод,
Чун шунид аз Юсуф ин тафсир…

Мардуми Миср аҳсанаш хонданд,
Монда Юсуфро ба худ сардор.
Додарон табрик бинмуданд,
Ӯ бубахшид ҷурмашон ин бор.

Кард Махдумқулӣ чунин қисса,
Ин қадар сахт ҳукм манмоед.
Дӯстон, то бувад тавону зӯр,
Умри хуш дида базм ороед!

## БОРОН БИДЕҲ, СУЛТОНИ МАН!

Илтиҷо дорам ман аз ту, илтиҷо,
Раҳм кун, борон бидеҳ, султони ман!
Ташнаам, бар сӯи ту дорам нигоҳ,
Раҳм кун, борон бидеҳ, султони ман!

Ин ҷаҳон бо амри ту дорад бақо,
Эй заминро сарпаноҳу муттако.
Қисмати сайёра бар дастони туст,
Раҳм кун, борон бидеҳ, султони ман!

Об деҳ бар андалебони хамӯш,
Рӯдҳо монданд аз ҷӯшу хурӯш.
Ин ҷаҳонро кун раҳо аз дарду ғам,
Раҳм кун, борон бидеҳ, султони ман!

Дашту саҳро об мехоҳанд, ҳон,
Ту булӯрин об рез аз осмон.
Шӯй гарду чанг аз рӯи замин,
Раҳм кун, борон бидеҳ, султони ман!

Ман ҳақирам, нотавонам ҳам ғулом,
Ту саховатмандию ҳам некном.
Зиндагиам бе сахоят ҳеҷ, ҳеҷ,
Раҳм кун, борон бидеҳ, султони ман!

Мо ҳама дар остон истодаем,
Сӯи ту дасти дуо бикшодаем.
Бар фақирон ҳосил афзун кун ба лутф,
Раҳм кун, борон бидеҳ, султони ман!

Ман, Фироқӣ, дӯстдорат доимо,
Дар миёни раҳ намонам ҳолиё.
Мон, ки ман ҳам бар муроди дил расам,
Раҳм кун, борон бидеҳ, султони ман!

## ФАТТОҲ

Бувад дар дасти ту Эрону Тӯрон,
Сарафрозӣ чу дунёдор, Фаттоҳ!
Вале дон: хуни мо резӣ чу дарё,
Ва туркман дар биёбон хор, Фаттоҳ!

Ту шоҳию шавӣ фардо гадое,
Бигардӣ беватан, бехонумоне.
Ду чашмат тира мегардад замоне,
Бимирӣ чун ҳақири зор, Фаттоҳ!

Ба ҳарфи ҳақ занӣ завлона бар по,
Ва ё карда буғӣ, партоӣ бар чоҳ.
Бигӯям рост, эй марди дурӯғин,
Ки ҳастӣ қотилу бадкор, Фаттоҳ!

Ба зулмат халқи ман ашки фузун рехт,
Ва хуни ӯ ба хоку рег омехт.
Нагун аз тахт мегардӣ ту рӯзе,
Ба ёдаш мешавӣ ғамбор, Фаттоҳ!

Бихезад халқи ман рӯзе ба нафрин,
Бигардад тахтат аз хуни ту рангин.
Чу кардӣ нони моро заҳрогин,
Шавӣ зиндонӣ, эй айёр, Фаттоҳ!

Ту қатлу duздӣ овардӣ ба кишвар,
Ба чашми мо задӣ хоку шудӣ сар.
Бикардӣ бегуноҳонро гунаҳкор,
Ба хун оғуштаем, ағёр, Фаттоҳ!

Ба ҳукмат зиндагӣ карда ба зиндон,
Ҷудо аз дасту чашму ақл моён.
Бимонда аз забон гаштем мо лол,
Бимирем аз ғаму озор, Фаттоҳ!

Расида дуди оҳи мо ба гардун,
Аз ин сон зиндагӣ гаштем дилхун.
Чи бераҳманд қассобонат, эй шоҳ,
Ғуломӣ бас, аё мурдор, Фаттоҳ!

Ғами худро Фироқӣ кард изҳор,
Ту кай з-одамкушӣ мегардӣ безор?
Агарчи зиндаам, худ мурда хонам,
Барои инчунин ашъор, Фаттоҳ!

* * *

Ба ман имдод бинмо, эй Зубайда!
Ба чашмам гарди ғам мондаст бисёр.
Нашуста гардҳоро ашкҳоям,
Ва хуни гарми ман монда ба қумзор.

Азобу ранҷи ҳиҷрон мекашам ман,
Бимонда мурғи илҳомам зи парвоз.
Ба ҷои сур мотам дорам акнун,
Нашуд чун Менглӣ ҳамрозу дамсоз.

Ба хобам дида ҳар рӯзи хушамро,
Маро нангест аз тақдири меҳан.
Дилам шуд ошёни ҳузну андӯҳ,
Шуда берӯҳу беҷоне тани ман.

Ба ҷисмам дард ҳамчун об ҷорист,
Гузашта умри ман бо заҳмату кор.
Бидидам он қадар озору хорӣ,
Ғамам дар шеърҳои ман намудор.

Дар ин даврони кӯрию кариҳо,
Муҳаббат мешавад бе ҳукм қурбон.
Маҳи зебои ман пинҳон зи чашм аст,
Ки рӯяшро туман пӯшида алъон.

Бубин, рӯи Фироқӣ сип-сиёҳ аст,
Зубайда, шав ба ҳоли ман ту гирён.
Маро кошона холӣ асту тира,
Фақат дар гӯшаҳо гарде намоён.

* * *

Дар Ватан будам агар ман хон,
Баҳри султонон шудам султон,
Баҳри бадбахтон шудам Луқмон,
Зиндагӣ будам, ҷаҳон будам,
Уқёнуси дамон будам,
Ҳолиё дарвешаму бе ёр.

Баҳри кӯре дидагон будам,
Баҳри гунге ман забон будам,
Ақл бар пиру ҷавон будам,
Оташе бар ошиқон будам,
Ҳолиё нодораму ночор.

Ман, Фироқӣ ханҷаре будам,
Софу холис чун заре будам,
Ҳамчу райҳони таре будам,
Меғ будам дар сари кӯҳсор,
Қаср будам, қасри тиллоӣ,
Ҳолиё ман даштаму пурхор.

## ДУВОЗДАҲ ПАНД

Дили гарм аз ғаму ҳасрат бисӯзад,
Агар бошад ҷудо аз халқу кишвар.
Каси хушбахт беимон наҷӯяд,
Ба имондор гардад ӯ бародар.

Маранҷон бесабаб ту бегунаҳро,
Бишав хомӯш дар пеши разилон.
Сухан чун ганҷ дорад қадру қимат,
Нигаҳ дораш, ки беқадранд эшон.

Ту худро дуртар аз сӯфиён гир,
Ба ҳар ҷое марав, ҳарчанд хонанд.
Мабанд асло дилат бар моли дунё,
Ки чун Қорун туро девона донанд.

Чу додар дастгири гушнагон шав,
Магир аз дасти буздил он чи бахшад.
Машав пурсон зи нодорон, кӣ бошад?
Кушо бар рӯяшон сандуқи ҳиммат.

Бимон, ки буздилон аз ту гурезанд,
Ки онон гаҳ зи соя дар ҳаросанд.
Бахилонро бубинӣ, дур мегир,
Бахилон заҳррезу носипосанд.

Ҳама боақл мехонанд худро,
Вале беақлакон бисёр бошанд.
Мадеҳ дил бар шаробу дар ҳазар бош,
Ки мардони шаробӣ хор бошанд.

Бишуд Махдумқулӣ дилгир, ёрон,
Ки ӯ нодор ҳасту бемадор аст.
Бувад бефарқ доро ё ки нодор,
Варо пурсанда фардо интизор аст.

## НЕК ВА БАД

Бо тавону амонию дидор,
Халқи ман мешавад агар хушком.
З-аспу шамшеру зини мустаҳкам,
Мешавад ҳар йигити он хушном.

Накушо лаб барои ҳарфи дурӯғ,
Сухани бад ту бар забон н-овар.
Халқи ман бо бадон намесозад,
Мекунад ӯ ба некҳо бовар.

Лаҳзаҳои ҳаёт бо баду нек
Лоҷарам, бигзаранд бо навбат.
Зиндагӣ боз базм орояд,
Дар ҷаҳон дар миёни неку бад.

Ҳиссаи хешро намедонем:
Гоҳ фарёд мезанам ночор, –
Раҳмам ояд, ки дардҳои чин
Медиҳад ҳар ҷабини мо озор.

Неку бад ҷомҳои худсозест,
Қисмати мо ба он бувад пайваст.
Гӯ Фироқӣ, кадом аз он зебост,
Навбати мо, ки ҳолиё дур аст!

# МУНДАРИҶА

**Алиасғари Шеърдӯст.** Шоири пешраву пуркор.......... 5
Ашъори навин.........................................................11
Гулчин ...................................................................91
Рубоиёт ................................................................117
Тарҷума ................................................................143

**Сайидалӣ Маъмур**

**ПОЙИЗИ САБЗ**

*(Маҷмӯаи ашъор)*

Ороиши *О. Шемелина*
Муҳаррири ороиш ва тарроҳ *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *М. Фарзон*

Ба матбаа29.06.2011. супорида шуд.
Чопа 5.07.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 5.
Андозаи 70x108 1/32.Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.